«Мувофиқа карда шуд»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

С. Наҷмиддинов

аз «06» феврали соли 2012, №3-12а/11

«Тасдиқ карда шудааст»

бо Фармоиши Раиси
Кумитаи андози
назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
«01» феврали соли 2012 № 3-Ф

# ДАСТУРАМАЛ

# ОИД БА ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШҲОИ АНДОЗ

Дастурамал оид ба гузаронидани санҷишҳои андоз (минбаъд - Дастурамал) дар асоси талаботи қисми 8 моддаи 28 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия гардида тартиби ташкил ва гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро оид ба иҷрои талаботи қонунгузорӣ андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати иҷрои он ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст (минбаъд санҷиши андоз), муайян менамояд.

## ФАСЛИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали мазкур аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани ҳама гуна санҷишҳои андоз доир ба иҷрои ӯҳдадориҳои андози шахсони ҳуқуқӣ ва воҳидҳои махсуси онҳо, соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) истифода мешавад.

2. Назорати риояи қонунгузории андоз тавассути анҷом додани санҷишҳои андоз ба амал оварда мешаванд.

3. Мафҳумҳое, ки дар дастурамали мазкур истифода бурда мешаванд:

- андозсупорандагон – шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон уҳдадории пардохти андоз гузошта шудааст;

- дигар шахсони ӯҳдадор – агентҳои андоз, филиалҳо, намояндагиҳо, дигар воҳидҳои махсуси шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои тавозуни алоҳида ва ҷорӣ (ҳисоббаробаркунӣ) ё дигар суратҳисоби бонкӣ мебошанд, ворисони ҳуқуқии корхонаҳои азнавташкилдодашуда, ворисон, мақомоти васоят ва парастор ё шахсони ба онҳо ваколатдоршуда ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои андоз ва пардохти фоизҳо шахсони бедарак ғоиб ё корношоям эътирофшуда, кафолатдиҳанда;

- санҷишгар – корманди мақомоти андоз, ки барои гузаронидани санҷиши андоз оид ба иҷрои талаботи қонунгузории андозбо тартиби муқарраргарида ваколатдор шудаанд;

- мақомоти андоз – Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати андоз дар ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, нозироти андоз дар шаҳрҳо (ноҳияиҳо), Нозироти андози андозсупорандагони калон ва миёна дигар мақомотҳои минтақавии андоз

- роҳбари мақомоти андоз – Раис, муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳуии Тоҷикистон, Сардорони Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, Сардорони нозироти андоз дар шаҳрҳо (ноҳияҳо), Сардори Нозироти андози андозсупорандагони калон ва миёна Сардорони дигар мақомотҳои минтақавии андоз.

4. Санҷишҳои андоз танҳо аз ҷониби мақомоти андоз гузаронида мешавад. Дар ҳолатҳои оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ ва пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оид ба саркаши аз пардохти андозҳо (руйпӯш намудани объектҳои андозбандӣ) тибқи дархости хаттии мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, санҷиши андоз мутобиқи Кодекси мазкур аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ якҷоя бо ин мақомот гузаронида мешавад.

5. Мутобиқи қисми 3 моддаи 28 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷишҳои андоз ба намудҳои зерин тақсим мешавад:

а) санҷиши ҳуҷҷатӣ;

б) санҷиши амалиётӣ.

6. Санҷиши ҳуҷҷатӣ санҷише мебошад, ки мавзӯи онро дуруст, саривақт ҳисоб намудан ва пардохти андозҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, санҷиши эъломияҳои андоз, ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва санҷиши иҷрои талаботи дигари қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати иҷрои он ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, ташкил медиҳад.

7. Санҷиши амалиётӣ яке аз усулҳои амалисозии назорати мақомоти андоз, нисбати субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ (ва ё намояндагони онҳо) ва шахсони воқеӣ (минбаъд-андозсупорандагон) вобаста ба

қабули воситаҳои пулии нақдӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мебошад.

## ФАСЛИ 2. САНҶИШИ ҲУЧЧАТИИ АНДОЗ

### БОБИ 1. ВАЗИФАҲОИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ҲАНГОМИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ ҲУҶҶАТИИ АНДОЗ

8. Вазифаҳои корманди мақомоти андоз, ки барои гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатии андоз (минбаъд дар ҳамин фасл-санҷиш) ваколатдор шудаанд.

а) назорати риояи қонунгузории андоз, дуруст ҳисоб намудан, пурра ва сари вақт пардохти андозҳо, фоизҳо ба буҷет;

б) назорат оид ба риояи дигар қонунгузорӣ дар доираи ваколатҳои худ;

в) иҷрои назорати пурра ва сари вақт дохил намудани ӯҳдадориҳои андозии иҷронагардида, фоизҳои пардохтнашуда ба буҷет;

г) ошкор ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи қонунгузории андоз ва андешидани чорахо нисбати шахсони ҳуқуқвайронкунандаи конунгузорӣ;

д) ошкор намудани захираҳои истифоданашудаи босамарӣ фаъолияти иқтисодии андозсупоранда бо мақсади зиёд намудани воридоти андозҳо ба буҷет;

е) андешидани чораҳо оиди таъмини ба буҷет ситонидани андозҳои дар рафти санҷиш барилова ҳисобшуда, фоизҳо ва ҷаримаҳо;

9. Бо мақсади риояи одоби касбӣ, роҳ надодан ба ҳолатҳои паст задани обрӯ ва таъмини амнияти худ санҷишгар вазифадор аст:

а) агар барои санҷиш ба ӯ андозсупорандае, пешниҳод шуда бошад, ки бо ӯ дар муносибати хешу таборӣ қарор дошта бошад ё дигар асос вуҷуд дорад, ки барои санҷиши объективона таъсир мерасонанд бо мақсади иваз намудани объекти санҷиш ба роҳбар хабар диҳад;

б) қабул ва додани маслиҳат ба андозсупорандагон ва ё дигар шахсон, ки ба мақомоти андоз муроҷиат мекунанд, танҳо дар ҷойҳои хизматӣ;

в) аз шахсони бегона қабул накардани ҳамагуна молҳо барои додан ба дигар шахсони мансабдори мақомоти андоз;

г) танҳо нагузоштани шахсони бегона бе ҳузур доштани дигар кормандони мақомоти андоз дар биноҳои хизматӣ;

д) манъ будани гуфтугуи телефонӣ бо андозсупорандаи санҷишшаванда ё намояндаи ӯ оид ба масъалаҳое, ки ба гузаронидани санҷиш дахл надоранд;

е) хабар додан ба роҳбари мақомоти андоз доир ба ҳолатҳои хатар, таҳдид ва моил намудан ба гирифтани пора андозсупоранда (намояндаи ӯ), фавран ба роҳбари мақомоти андоз хабар додан;

ё) иҷро намудани дигар ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва (ё) супоришҳои аз ҷониби роҳбари мақомоти андоз додашуда.

## БОБИ 2. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ДАР МАВРИДИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ АНДОЗ

10. Дар мавриди гузаронидани санҷиш корманди мақомоти андоз, ки барои гузаронидани санҷиш ваколатдор мебошад ӯҳдадор аст:

а) риояи қатъии қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) ҳуқуқ ва манфиатҳои андозсупорандагонро риоя ва химоя намояд;

в) дуруст ҳисоб намудан ба пуррагӣ ва сари вақт ба буҷет пардохт гардидани андозҳоро назорат намояд;

г) бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гузаронидани санҷишҳои андоз;

д) бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоркардашудаи қонунгузории андоз, талаб намудани супоришҳои додашуда дар самти бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои андоз;

е) дар асоси моддаи 93 Кодекси андоз риоя намудани сирри андоз ва қоидаҳои нигоҳ доштани маълумотҳо дар бораи андозсупоранда;

ё) қабул ва бақайд гирифтани ариза, хабар ва дигар маълумотҳо дар бораи вайронкунии қонунгузории андоз ва тибқи тартиби муқарраргардида амали намудани санҷиши онҳо;

ж) дар ҳолатҳои зарурӣ, супоридани маводҳои санҷиш бо асосҳои вайронкунӣ ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ;

з) бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз ситонидани маблағи андозҳо, фоизхо пеняҳои пардохтнашуда;

и) андешидани чораҳо вобаста ба иҷрои қарори баровардаи шахсони мансабдори мақомоти андоз оид ба ситонидани маблағи ҷарима, ки аз маводҳои парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бармеояд;

11. Ҳангоми гузаронидани санҷиш корманди мақомоти андоз, ки барои гузаронидани санҷиш ваколатдор мебошад ҳуқуқ дорад:

а) аз андозсупоранда маълумотҳо ва (ё) ҳуҷҷатҳои барои санҷиш лозимаро гиранд;

б) андозсупорандагонро, инчунин шахсони дорандаи ҳуҷҷатҳо ва (ё) маълумот оид ба фаъолияти андозсупорандагон, ки нисбати онҳо санҷиш гузаронида мешавад, ба мақомоти андоз даъват кунанд;

в) дар ҳолати вайрон кардани иҷрои тартиби муқарраргардидаи фаъолияти муайян аз ҷониби андозсупоранда оид ба ғайриқонунӣ эътироф намудани фаъолияти анҷомдодаи андозсупоранда, инчунин доир ба беэътибор донистани аҳдҳо (шартномаҳо) пешниҳодҳо намояд;

г) аз дигар мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани санҷиши андоз лозимиро талаб карда гирад;

д) аз хизмати мутахассисон, экспертон бо тартиби муқарранамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намояд;

е) ҳангоми гузаронидани санҷиш ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсияти андозсупоранда, ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва (ё) баҳисобгирии андоз, оморӣ, тавозунҳо, суратҳисобҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои барои ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо зарурро талаб намояд;

ё) дар ҷарраёни санҷиши андоз тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои андозсупоранда (агенти андозро), ки аз содир гардидани ҳуқуқвайронкунӣ гувоҳӣ медиҳанд, дар ҳолати вуҷуд доштани имконияти нобуд сохтан,пинҳон намудан, тағйир додан ё иваз намудан ин ҳуҷҷатҳо, гиранд;

ж) бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои бонкӣ бо ҳуҷҷатҳои аслӣ ва суратҳисобҳо шинос шаванд, дар ҳолатҳои зарурӣ маълумотнома ва нусхаи ҳуҷҷатҳои бо амалиётҳои андозсупорандагон алоқаманд ва дигар масъалаҳои дар вақти санҷиш пайдошударо гиранд;

з) аз андозсупорандаи санҷишшаванда талаб намудани нусхаи ҳуҷҷатҳо ва иқтибосҳо дар шакли тасдиқшуда (барои соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ – бо тасдиқи имзои онҳо), инчунин имзо намудани санади санҷишӣ.

## БОБИ 3. НАМУДҲОИ САНҶИШИ ҲУҶҶАТИИ АНДОЗ

12. Санҷиши ҳуҷҷатии андоз ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

а) санҷиши маҷмӯӣ – санҷиши иҷрои ӯҳдадории андоз аз рӯи ҳамаи намудҳои андоз, аз ҷумла ҳангоми барҳамдиҳӣ (қатъ гардидани фаъолият) ва (ё) азнавташкилдиҳии андозсупоранда (минбаъд – санҷиши андози барҳамдиҳӣ);

б) санҷиши мавзӯӣ – санҷише, ки нисбат ба андозсупоранда (агенти андоз) аз рӯи як ё якчанд масъалаҳои зерин гузаронида мешавад:

- иҷрои ӯҳдадории андоз аз рӯи намудҳои алоҳидаи андозҳо, инчунин андозҳои бо онҳо алоқаманд. Андоз дар ҳолате бо андози дигар алоқаманд ҳисобида мешавад, ки агар тағйир додани маблағи ҳисобкардашуда мутаносибан ба тағйир ёфтани маблағи дигар андоз оварда расонад;
- ҳолати иҷрои қарор оид ба маҷбуран ситонидани андозҳо аз андозсупоранда ва (ё) ташкилотҳои қарзӣ;
- муайян намудани ҳисоббаробаркунӣ байни андозсупоранда (агенти андоз) ва қарздорони (дебиторони) ӯ;
- тасдиқи дурустии маблағҳои андоз аз арзиши иловашуда, ки барои баргардонидан пешниҳод шудаанд.

в) санҷиши мутақобила - санҷише, ки нисбат ба шахсони дигар гузаронида мешавад, агар ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андоз ба мақомоти андоз зарурат

пайдо шавад, ки оид ба дурустии дар баҳисобгирии андоз зикр намудани амалиёти гузаронидаи андозсупоранда маълумоти иловагӣ ба даст оранд.

13. Санҷишҳои маҷмӯии андозро мақомоти андоз тибқи муроҷиати хаттии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо нисбат ба ҳамон андозсупорандагон мегузаронанд, ки нисбат ба онҳо тасдиқи хаттӣ дар бораи оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ бо нишонаҳои ҷиноятҳои бо андозбандӣ алоқаманд ворид шуда бошад. Дар ҳолатҳои зарурӣ нисбат ба дигар шахсони бо андозсупорандагони зикршуда алоқаманд, ки дар муроҷиатҳои хаттии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян шудаанд, санҷишҳои мутақобилаи андоз гузаронида мешаванд.

14. Гузаронидани санҷиши андоз, ба истиснои ҳолатҳое, ки соҳибкори инфиродӣ бе ҷалб намудани коргари кироя кор мекунад ва иштироки ӯ дар ҷараёни санҷиш ҳатмӣ мебошад, набояд фаъолияти андозсупорандаро боздорад.

## БОБИ 4. ДАВРИЯТИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ АНДОЗ

15. Санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз вобаста ба муҳлат ва вақти гузаронидан ба навъҳои зерин тақсим мешаванд:

а) нақшавӣ - санҷишҳои маҷмӯии ҳуҷҷатӣ, ки тибқи нақшаи санҷишҳои андоз аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқшуда гузаронида мешаванд. Нақшаи санҷишҳои андоз дар асоси баҳодиҳии хавфи вайрон кардани қонунгузории андоз, таҳлили маълумотҳои дар ҳисоботҳои аз ҷониби андозсупоранда пешниҳодшуда, иттилооти мақомоти ваколатдор, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо ва иттилоот дар бораи фаъолияти андозсупоранда тартиб дода мешавад;

б) ғайринақшавӣ – санҷишҳои маҷмӯии ҳуҷҷатии андозе, ки дар зербанди а ҳамин банд пешбинӣ нашудаанд.

16. Санҷишҳои нақшавии ҳуҷҷатии андозсупорандагоне, ки даромади умумии онҳо (ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо, андоз аз фурӯши алюминийи аввалия) дар давраи соли тақвимии гузашта бештар аз 25 миллион сомонӣ мебошад, на зиёда аз як маротиба дар як сол гузаронида мешаванд.

17. Санҷиши нақшавии ҳуҷҷатии аввалини фаъолияти субъекти соҳибкории хурд, ки супорандаи андози низоми соддакардашуда мебошад, танҳо пас аз сипарӣ шудани 36 моҳи пурраи тақвимӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии он амалӣ мегардад.

18. Агар субъектҳои соҳибкории хурди дар банди 17 ҳамин боб пешбинишуда то гузаштани мӯҳлати пешбинигардида ба рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият дохил карда шаванд, аз нав ташкил карда шаванд ё барҳам дода шаванд, фаъолияти онҳо бояд мавриди санҷиши маҷмӯии ҳуҷҷатии ғайринақшавӣ қарор дода шавад.

19. Санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз аз рӯйи давраҳои баохиррасидаи андозӣ гузаронида мешаванд, ба истиснои санҷишҳои андози барҳамдиҳӣ, ки бо барҳам додани шахси ҳуқуқӣ, қатъ гардидани фаъолияти муассисаи доимии ғайрирезидент ё қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ вобаста мебошанд. Агар нисбат ба давраи барои гузаронидани санҷиш банақшагирифташуда санҷиши маҷмӯии

андози андозсупоранда гузаронида шуда бошад, пас дар ин ҳолат санҷиши мавзӯии ин давра гузаронида намешавад.

20. Санҷиши ғайринақшавии маҷмӯӣ ё мавзӯӣ дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

а) ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти – супорандаи андоз аз арзиши иловашуда;

б) ҳангоми азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ, қатъ гардидани фаъолияти шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки фаъолияташро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи филиал ё намояндагӣ амалӣ менамояд;

в) ҳангоми қатъ гардидани амали имтиёзҳо барои шахсони ҳуқуқии дар фасли 17 Кодекси андоз пешбинишуда;

г) бинобар ба охир расидани мӯҳлати амали қарордоди истифодаи сарватҳои зеризаминӣ;

д) бо мақсади тасдиқ намудани дурустии маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки барои баргардонидан пешниҳод шудааст;

е) тибқи асосҳое, ки дар қисми 6 моддаи 28 Кодекси андоз муқаррар шудаанд;

ё) ба охир расидани лоиҳаи сармоягузорӣ.

21. Санҷишҳои ғайринақшавии маҷмӯӣ ё мавзӯӣ, инчунин дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешаванд:

а) дар ҳолати ба миён омадани зарурат барои гузаронидани санҷишҳои мутақобила;

б) дар асоси қарори роҳбари аввали мақомоти андоз;

в) дар асоси дархостҳои мақомоти андози давлатҳои дигар;

г) нисбат ба шахсоне, ки андозсупорандаи бемасъулият эътироф шудаанд;

е) оид ба масъалаҳои вобаста ба маҷбуран ситонидани андозҳо алоқаманд;

ё) қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (ба истисноӣ истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ);

ж) бо аризаи худи андозсупоранда;

з) бо сабаби шикоят нисбати санади санҷиши ҳуҷҷатии андози андозсупоранда, ки баъди ба анҷом расонидани санҷиш тартиб дода шудааст, дар асоси розигии хаттии ӯ барои гузаронидани санҷиш.

22. Аз ҷониби мақомоти андоз гузаронидани санҷишҳои такрории маҷмӯӣ барои давраи санҷидашудаи андоз манъ аст, ба истисноӣ ҳолатҳои зерине, ки чунин санҷишҳо дар доираи мӯҳлати даъвои бо Кодекси андоз муқарраршуда гузаронида мешаванд:

а) дар асоси аризаи хаттии худи андозсупоранда;

б) тибқи асосҳои пешбининамудаи қисми 6 моддаи 28 Кодекси андоз;

в) бо қарори роҳбари аввали мақомоти андоз тибқи пешниҳодҳои асосноки роҳбари мақоми дахлдори андоз;

г) бо қарори роҳбари авали мақомоти андоз бо тартиби назорат аз болои фаъолияти мақоми андозе, ки санҷиши ҳуҷҷатии андозро гузаронидааст. Чунин

санҷиш танҳо нисбат ба даврае гузаронида мешаванд, ки санҷиши ҳуҷҷатии андози охирон гузаронидашударо дар бар гирифта бошад.

## БОБИ 5. ОГОҲИНОМА ДАР БОРАИ САНҶИШИ АНДОЗ

23. Мақомоти андоз на дертар аз 10 рӯзи корӣ пеш аз оғози санҷиши ҳуҷҷатии андоз ба андозсупоранда дар хусуси гузаронидани санҷиши андоз огоҳинома ирсол менамояд.(Замимаи 1)

24. Дар бораи санҷиши дарпешистодаи ғайринақшавии андоз андозсупоранда на дертар аз 24 соат то лаҳзаи оғозшавии санҷиши андоз хаттӣ огоҳ карда мешавад.

25. Дар огоҳинома навъи санҷиши андоз, номгӯи масъалаҳое, ки бояд санҷида шаванд, номгӯи пешакии ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои андозсупоранда ҳангоми гузаронидани санҷиши андоз, инчунин дигар маълумотҳои зарурӣ барои гузаронидани санҷиши андоз қайд карда мешавад

26. Мақомоти андоз ҳуқуқ доранд санҷиши ҳуҷҷатии ғайринақшавии андозро бе огоҳ намудани андозсупоранда дар бораи оғози санҷиш дар ҳолатҳое шурӯъ намоянд, ки агар хавфи асоснокшуда дар мавриди он ки андозсупоранда метавонад ҳуҷҷатҳои марбут ба андозбандии барои гузаронидани санҷиш зарурро, пинҳон намояд ё нобуд созад ё ин ки дигар ҳолатҳое мавҷуд бошанд, ки гузаронидани санҷишро ғайриимкон месозад ё барои дар ҳаҷми пурра гузаронидани он имконият намедиҳанд. Мақомоти андоз чунин санҷиши андозро дар асоси иҷозати хаттии мақомоти болоии андоз бе огоҳ намудани андозсупоранда амалӣ менамоянд.

27. Андозсупорандае, ки дар хусуси санҷиши дарпешистодаи андоз огоҳинома гирифтааст, ӯҳдадор аст иштироки худ (иштироки намояндаи худ) ва ҳуҷҷатҳои зарурииро барои санҷиш дар рӯз ва вақти дар огоҳинома пешбинишуда таъмин намояд.

28. Дар ҳолате, ки агар андозсупоранда бо сабабҳои узрнок оғози санҷиши ҳуҷҷатиро дар рӯз ва вақти дар огоҳинома пешбинишуда таъмин карда натавонад, вай ӯҳдадор аст мақомоти андози санҷишкунандаро дар ин хусус то оғози санҷиши андоз, вале на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани огоҳиномаи мақоми андози санҷишкунанда, ба таври хаттӣ огоҳ намояд ва ба мақомоти андози санҷишкунанда сана ва вақти барои тарафҳо мувофиқи санҷиши андозро пешниҳод намояд.

29. Дар ҳар ҳолат мақомоти андоз ҳуқуқ доранд санҷиши андозро, ки дар огоҳинома пешбинӣ шудааст, пас аз гузаштани 10 рӯзи корӣ аз мӯҳлати дар огоҳинома зикршуда оғоз кунанд, андозсупоранда бошад, ӯҳдадор аст шароит муҳайё сохта, ҳуҷҷатҳои зарурииро барои гузаронидани санҷиши андоз пешниҳод намояд.

## БОБИ 6. АСОС БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ АНДОЗ

30. Асос барои гузаронидани санҷиши андоз амрнома мебошад, ки аз ҷониби роҳбари мақомоти андоз тасдиқ карда мешавад (Замимаи 2).

31. Дар амрнома барои гузаронидани санҷиши андоз бояд ҳатман қайд карда шавад:

а) мақомоти андозе, ки барои гузаронидани санҷиш супориш додааст;

б) субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ( ному насаб, номи падари соҳибкори инфиродӣ, шахси воқеӣ), ки нисбати ӯ санҷиш гузаронида мешавад;

в) ному насаб ва мансаби санҷишгар;

г) мавзӯи санҷиш;

д) мӯҳлати гузаронидани санҷиш;

32. Дар ҳолатҳои зарурӣ розигӣ оид ба гузаронидани санҷиши якчанд субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ оид ба масъалаҳои алоҳида амрнома барои гузаронидани санҷиши якчанд субъектҳое, ки бо намуди фаъолияти муайян машғуланд, дода мешавад.

33. Дар асоси як амрнома танҳо як санҷиши андоз гузаронида мешавад.

34. Оғози санҷиши андоз лаҳзаи ба андозсупоранда супоридани амрнома ба ҳисоб меравад.

35. Кормандони мақомоти андоз, ки санҷиши андозро мегузаронанд вазифадоранд ба андозсупоранда шаҳодатномаи хизматии худро нишон диҳанд ва тибқи тартиби муқарраршуда дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳои субъектҳои хоҷагидорӣ қайди дахлдор гузоранд.

36. Кормандони мақомоти андозе, ки санҷиши ҳуҷҷатии андозро мегузаронанд, ба андозсупоранда амрномаи аслро месупоранд. Дар нусхаи амрнома андозсупоранда дар хусуси он ки бо амрнома шинос шуда, онро гирифт, имзо менамояд.

37. Рад намудани гирифтани амрнома аз ҷониби андозсупоранда барои бекор кардани санҷиши андоз асос шуда наметавонад.

## БОБИ 7. ДАВОМНОКӢ ВА ВАҚТИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ АНДОЗ

38. Мӯҳлати гузаронидани санҷишҳои андози дар амрнома зикршуда набояд аз лаҳзаи пешниҳоди амрнома аз 30 рӯзи корӣ зиёд бошад, агар дар Дастурамали мазкур тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

39. Мӯҳлати гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатии андоз барои шахсони ҳуқуқӣ, ки дорои воҳидҳои махсус мебошанд ва ғайрирезидентҳое, ки фаъолияташонро ба воситаи муассисаҳои доимӣ амалӣ менамоянд, дар сурати мавҷуд будани зиёда аз як маҳалли ҷойгиршавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои андозсупорандагоне, ки дар баҳисобгирии нозироти андози андозсупорандагони калон қарор доранд, аз 60 рӯзи корӣ зиёд буда наметавонад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ метавонад мӯҳлати гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатии андозро, ки банди мазкур муқаррар мекунад ба мӯҳлати то 30 рӯзи корӣ дароз намояд.

40. Мӯҳлати гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатии андози андозсупорандае, ки субъекти соҳибкории хурд мебошад, набояд аз 10 рӯзи корӣ зиёд бошад.

41. Ҷараёни мӯҳлати гузаронидани санҷиши андоз дар фосилаи байни лаҳзаҳои ба андозсупоранда пешниҳод намудани талабнома оид ба пешкаш намудани ҳуҷҷатҳо ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои талабшуда аз ҷониби андозсупоранда

ҳангоми гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатҳо, инчунин дар фосилаи қабули маълумот ва ҳуҷҷатҳо аз шахсони сеюм бо дархости мақоми андоз боздошта мешавад. Боздоштан ва барқарор намудани ҷараёни мӯҳлати гузаронидани санҷиши андоз дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳои субъектҳои хоҷагидор ва дар амрнома барои гузаронидани санҷиш қайд карда мешавад. Мӯҳлати боздоштан ба мӯҳлати санҷиши андоз дохил карда намешавад.

42. Санҷиши андоз метавонад танҳо дар вақти корӣ ва рӯзҳои кории муқарраршуда гузаронида шавад. Дар ҳолати амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсол ва (ё) фурӯши молҳо, корҳо, хизматрасонӣ) дар вақти дигар, санҷиши андоз инчунин метавонад дар ин вақт гузаронида шавад. Агар вақти кории мақомоти андоз ва андозсупоранда мувофиқ набошад, санҷиши андоз метавонад дар вақти кории андозсупоранда гузаронида шавад.

43. Мақомоти андоз нисбати субъектҳои хоҷагидоре, ки фаъолияти онҳо хусусияти мавсимӣ дорад, санҷишҳои нақшавии ҳуҷҷатии андозро дар мавридҳои зерин гузаронида наметавонанд:

а) дар хоҷагиҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ дар мавсими киштукор аз 1-уми апрел то 1-уми июн ва дар мавсими ҷамъоварии ҳосил аз 1-уми август то 1-уми ноябри соли тақвимӣ;

б) дар корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (маҳсулоти зудвайроншавандаи меваю сабзавот) аз 20-уми июн то 20-уми октябри соли тақвимӣ.

## БОБИ 8. ДАСТРАСИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ АНДОЗ БА ҲУДУД Ё БИНО БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ АНДОЗ

44. Андозсупоранда ӯҳдадор аст, ки барои ворид шудани кормандони мақомоти андози санҷиши андоз ё муоинаро гузаронанда ба ҳудуд ё бинои (ба истиснои манзилҳои истиқоматӣ) барои гирифтани даромад истифодашаванда ё ба объекти андозбандӣ ва объекти бо андозбандӣ алоқаманд, иҷозат диҳад.

45. Дар сурати монеъ шудан ба ворид шудани кормандони мақомоти андоз, ки санҷиши андозро мегузаронанд, ба ҳудуди номбаршуда ё ба объекти андозбандӣ ё объекти бо андозбандӣ алоқаманд ё ба дигар биноҳо (ба истиснои манзилҳои истиқоматӣ) протоколи монеъшавӣ тартиб дода мешавад (Замимаи 3)

46. Протоколро кормандони мақомоти андоз, ки санҷиши андозро мегузаронанд ва андозсупоранда (агенти андоз) имзо менамоянд. Агар андозсупоранда (агенти андоз) аз имзо кардани протоколи мазкур даст кашад, санҷишгар дар протокол оид ба даст кашидани андозсупоранда аз имзо қайд мегузорад.

47. Кормандони мақомоти андоз бояд бо худ иҷозати махсус дошта бошанд, агар мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид шудан ба ҳудуд ва (ё) бинои андозсупоранда он зарур бошад.

48. Андозсупоранда дар ҳолатҳои зерин ҳуқуқ дорад ба ворид шудани кормандони мақомоти андоз ба ҳудуд ё бино барои гузаронидани санҷиши андоз иҷозат надиҳад, агар:

а) талаботи бандҳои 33, 35 ва 36 Дастурамали мазкур риоя карда нашаванд;

б) мӯҳлатҳои санҷиши дар амрнома нишондодашуда фаро нарасида бошанд ё гузашта бошанд;

в) ҳамин шахсон дар амрнома зикр нашуда бошанд;

г) кормандони мақомоти андоз иҷозати дахлдори махсуси махфиятро, ки барои даромадан ба ҳудуд ё бинои андозсупоранда тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд, ҳамроҳи худ надошта бошанд.

48[1]. Гузаронидани санҷиши андоз танҳо дар маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ ва (ё) маҳалли фаъолияти андозсупоранда амалӣ карда мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки субъекти санҷидашаванда барои санҷишгар утоқи кориро таъмин карда натавонад.

## БОБИ 9. БА ОХИР РАСИДАН И САНҶИШИ АНДОЗ

49. Баъди ба охир расидани санҷиши андоз кормандони мақомоти андоз, санад оид ба натиҷаҳои санҷиши ҳуҷҷатии андозро (минбаъд-санади санҷиш) тартиб медиҳанд. (Замимаи 4).

50. Ҳангоми гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатии андоз, ба андозсупорандае, ки ҳисоботҳо, эъломияҳои андоз, ҳисоботҳои оморӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдори муҳосиботи ба таври муқаррар шуда пешниҳод накардааст, дархост оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо дода мешавад. (Замимаи 5)

51. Андозсупорандае, ки дар давраи санҷиши андоз бо талаби санҷишгар ҳуҷҷатҳои барои муайян намудани объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд зарурро пешниҳод накардааст, ӯҳдадор аст сабабҳои пешниҳод накардани ин ҳуҷҷатҳоро ба таври хаттӣ шарҳ диҳад.

52. Ба охир расидани санҷиши ҳуҷҷатии андоз рӯзи ба андозсупоранда супоридани санади санҷиши андоз ё дар ҳолати даст кашидани андозсупоранда аз қабули санади санҷиши андоз, санаи ба ӯ фиристодани санади санҷиши андоз бо мактуби фармоишии дорои огоҳинома ба ҳисоб меравад.

53. Агар баъди ба охир расидани санҷиши андоз вайронкунии қонунгузории андоз муқаррар нашавад, дар санади санҷиши андоз дар ин хусус қайди дахлдор гузошта мешавад.

54. Ба санади санҷиши андоз нусхаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ҳисобҳои анҷомдодаи корманди мақомоти андоз ва дигар маводи дар рафти санҷиши андоз гирифташуда замима мегарданд.

55. Санади санҷиши андоз ба миқдори на камтар аз ду нусха тартиб дода шуда, аз ҷониби корманди мақоми андоз, ки санҷиши андозро гузаронидаст ва андозсупоранда (агенти андоз) имзо карда мешавад. Як нусхаи санади санҷиши андоз ба андозсупоранда дода мешавад.

56. Ҳангоми гирифтани санади санҷиши андоз андозсупоранда (агенти андоз) ӯҳдадор аст дар нусхаи дигари санад дар хусуси гирифтани он қайд кунад ва имзои худро гузорад. Ҳамзамон имзои андозсупоранда маънои онро надорад, ки ӯ бо санади санҷиш розӣ аст, ва ҳуқуқи андозсупорандаро барои шикоят кардан аз

болои қарорҳо ва амалҳои (беамалии) ин корманди мақомоти андоз маҳдуд намекунад. Дар ҳолати даст кашидани андозсупоранда (агенти андоз) аз қабул ва (ё) имзои санади санҷиши андоз, дар ин хусус дар худи санад қайд карда мешавад. Дар ин ҳолат санади санҷиши андоз ба андозсупоранда (агенти андоз) бо мактуби фармоишии дорои огоҳинома фиристода мешавад.

57. Баъди ба охир расидани санҷиши ҳуҷҷатии андоз дар ҳолати ошкор гардидани вайронкуниҳо мақомоти андоз қарор (огохинома) дар бораи натиҷаҳои санҷиши ҳуҷҷатии андоз қабул мекунад, ки он дар давоми 15 рӯзи кории баъди санаи ба охир расидани санҷиши ҳуҷҷатии андоз ба андозсупоранда фиристода мешавад. (Замимаи 6)

58. Дар ҳолати мавҷуд набудани маълумот оид ба маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда, мӯҳлати иҷрои огоҳинома оид ба натиҷаҳои санҷиши ҳуҷҷатии андоз то лаҳзаи ба андозсупорандаи мазкур супоридани огоҳинома боздошта мешавад.

59. Бақайдгирии огоҳинома (дар ҳолати ошкор гардидани вайронкунӣ) ва санади санҷиши ҳуҷҷатии андозро мақоми андоз таҳти як рақам анҷом медиҳад.

60. Андозсупорандае, ки дар бораи маблағҳои ҳисобшудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо огоҳинома гирифтааст, агар оид ба натиҷаҳои санҷиши андоз шикоят накарда бошад, ӯҳдадор аст дар мӯҳлатҳои дар огоҳинома зикршуда онро иҷро намояд. Зимнан мӯҳлати иҷрои огоҳинома бояд на дертар аз 10 рӯзи корӣ пас аз супоридани огоҳинома муқаррар карда шавад.

61. Дар ҳолате, ки агар баъди анҷом ёфтани санҷиши андоз вайронкунии қонунгузории андоз муқаррар нашуда бошад, қарор қабул карда намешавад.

## БОБИ 10. ТАЛАБОТҲОИ АСОСИ ДОИР БА ТАЙЁР ВА ТАШКИЛ НАМУДАНИ САНҶИШҲОИ АНДОЗ

62. Барои гузаронидани санҷиш бояд корҳои омодагӣ анҷом дода шаванд, ки дар ҷараёни он санҷишгарон ӯҳдадоранд:

а) бо истифода аз барномаҳои компютерӣ бо мақсади ёфтани номувофиқатии таносуб байни намудҳои андозҳои вобаста ва объектҳои андозбандӣ, инчунин нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти хоҷагӣ-молиявии андозсупоранда (аз он ҷумла дар ҷараёни давраи ҳисоботӣ) эъломияҳои (ҳисобҳои) андоз ва тавозунҳои (ҳисоботҳои) муҳосибии аз ҷониби андозсупоранда ба нозирот пешниҳодшударо таҳлил намоянд;

б) асоснокии имтиёзҳои андозии истифодашуда ва набудани хатогиҳои арифметикиро дар эъломияҳои (ҳисобҳо) пешниҳоднамудаи андозсупоранда санҷанд;

в) санадҳои меъёрии ҳуқуқиро оид ба ташкили фаъолияти хоҷагӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ, муайян намудани манбаи андоз ва ҳисоб намудани андозҳое, ки бо фаъолияти аниқи андозсупорандаи санҷишшаванда, инчунин хатогиҳои хоси ошкорнамудаи мақомоти андоз дар доираи фаъолияти мазкур алоқамандро омӯзанд;

г) оид ба бақайдгирии мошинаҳои хазинавӣ, системаҳои компютерии махсус, мошинаҳои чиптадиҳанда, таксометрҳо, чиптаҳои даромад, барномаҳо (буклетҳо)-ро омӯзанд;

д) аз маълумотҳои Феҳрасти давлатии андозсупорандагон муайян намудани ахборот оид ба ташкилотҳо, муассиси (соҳиби) молу мулки андозсупоранда ё муассиси (соҳиби) молу мулки андозсупоранда-ташкилот, ки бояд санҷида шаванд;

е) маълумотномаҳои (ахборот) оид ба даромади шахсони воқеӣ пешниҳодгардидаро омӯзанд;

63. Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои дар банди 62 Дастурамали мазкур зикргардида аз ҷониби санҷишгар барномаи санҷиши тайёр карда мешавад, ки ӯ номгӯи масъалаҳои иловагӣ санҷишшавандаро пешбинӣ менамояд;

64. Ҳангоми ба санҷиш равон кардани гурӯҳи санҷишгарон (зиёда аз 2 нафар) роҳбари гурӯҳ дар асоси барномаи санҷиш байни санҷишгарон масъалаҳои мушаххас ва (ё) давраҳои санҷишро тақсим мекунад. Ба ғайр аз ин, барнома метавонад нақшаи тақвимии санҷиш оид ба масъалаи муайян барои ташкили корҳои санҷишгарон бошад.

65. Дар ҳолатҳое, ки санҷиш бо қарори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё дар асоси санади (қарори) судӣ гузаронида мешавад номгӯи масъалаҳои аниқи санҷишшаванда бо мақомоти санҷишро таъинкунанда мувофиқа карда мешавад.

66. Ҷалб намудани мақомоти андоз барои иҷро намудани ӯҳдадориҳое, ки тибқи санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи онҳо вогузор нашудаанд, манъ аст.

## БОБИ 11. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ АНДОЗ

67. Қабл аз оғози гузаронидани санҷиш санҷишгар ӯҳдадор аст:

а) ба андозсупоранда худро шинос намояд;

б) андозсупорандаро оид ба оғози санҷиши андоз хабардор созад;

в) ба андозсупоранда шаҳодатномаи хизматӣ ва амрнома барои гузаронидани санҷишро барои шиносои бо гузоштани имзо нишон диҳад;

г) дафтари бақайдгирии санҷишҳо лозимаро гузошта бо имзои худ тасдиқ кунад.

68. Аз ҷониби андозсупорандагон дар амрнома қайд оид ба гирифтани он гузошта мешавад. Санаи ба андозсупоранда додани (супоридани) амрнома барои гузаронидани санҷиши андоз, санаи равон намудани он ба воситаи почта санаи оғози санҷиш ба ҳисоб меравад.

69. Ҳангоми санҷиш ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои андозсупоранда фахмонида мешавад.

70. Санҷишгарон дар марҳилаи ибтидоии санҷиш бо ташкили сохтор шинос мешаванд, мавҷудияти воҳидҳои махсус, шароити кор, намудҳои фаъолияти иҷрошаванда, ташкили истеҳсолот, сиёсати баҳисобгирӣ, маҳаллӣ ҷойгиршавии

воситаҳои истеҳсолот, анборҳо ва дигар биноҳо, иҷозатномаҳои додашуда, системаи муқаррарнамудаи аввала ва баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ, гардиши ҳуҷҷатҳои андозсупорандаро муайян менамояд ва дар ҳолатҳои зарурӣ дар мувофиқа бо роҳбари мақомоти андоз ба барномаи гузаронидани санҷиш тағйирот ворид менамоянд, инчунин мӯҳлатҳои гузаронидани санҷишро муайян менамоянд.

71. Санҷишгарон ҳуқуқ доранд аз андозсупорандаи санҷишшаванда, мақомотҳои давлатӣ, дигар ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ ҳуҷҷатҳо ва (ё) маълумотҳои барои санҷиш заруриро, ки ба фаъолият ва (ё) молу мулки андозсупорандаи санҷишшаванда дахл доранд талаб намоянд.

72. Шахсе, ки ба ӯ дархост оид ба пешниҳоди маълумот ва (ё) ҳуҷҷатҳо ирсол карда шудааст, ӯҳдадор аст на дертар аз даҳ рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани дархости зикргардида ба шахси ваколатдори мақомоти андоз маълумотҳои номбаршудаи қайдгардидаро ва (ё) ҳуҷҷатҳоро диҳад ё ирсол намояд, ё оид ба дар ӯ мавҷуд набудани маълумотҳо ва (ё) ҳуҷҷатҳои талабшуда ахборот диҳад.

73. Ҳуҷҷатҳо дар шакли нусха бо тасдиқи андозсупоранда, мақомоти давлатӣ, агар қонунгузорӣ тартиби дигари тасдиқи ҳуҷҷатро муқаррар накарда бошад, пешниҳод карда мешаванд. Дар ҳолати ғайриимкон будани пешниҳоди нусхаҳо ҳуҷҷатҳои аслӣ пешниҳод карда мешаванд.

74. Ҳуҷҷатҳои бо забонҳои хориҷӣ барои санҷиш пешниҳодшаванда бояд тарҷумаи забони тоҷикӣ ва ё русии бо таври нотариалӣ тасдиқшуда дошта бошанд. Дар ҳолате, ки чунин ҳуҷҷатҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ пешниҳод карда мешавад тарҷума ва тасдиқи он аз ҷониби шахсе иҷро карда мешавад, ки барои чунин фаъолият иҷозатнома дошта бошад.

75. Аз ҷониби андозсупоранда рад намудани талаботи мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани санҷиши маълумотҳо, ҳуҷҷатҳо ва ё пешниҳод накардани онҳо дар мӯҳлати муқарраргардида бо тартиби пешбинигардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои ҷавобгарӣ ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад.

76. Санҷиши андоз чун қоида дар рӯзҳои корӣ, дар вақтҳои корӣ ва дар маҳали ҷойгиршавии андозсупоранда гузаронида мешавад. Дар ҳолати мутобиқ наомадани низоми кории андозсупоранда бо низоми кории мақомоти андоз ё дар андозсупоранда мавҷуд набудани бино ва (ё) шароит барои ҷойгир намудани санҷишгарон санҷиш дар бинои маҳали ҷойгиршавии мақомоти андоз гузаронида мешавад.

77. Дар ҳолати гузаронидани санҷиши андоз дар бинои хизматии мақомоти андоз қабул ва баргардонидани ҳуҷҷатҳои аз ҷониби андозсупоранда барои санҷиш пешниҳодшаванда аз ҷониби санҷишгарон танҳо дар шакли батартибдаровардашудаи парвандаҳо, ки варақаҳояш рақамгузорӣ шудаанд, амалӣ карда мешавад.

78. Баргардонидани ҳуҷҷатҳо ба андозсупоранда (намояндаи ӯ) танҳо баъди санҷиш амалӣ карда мешавад.

79. Эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз бо тағйиротҳо ва иловаҳои воридкардашуда барои давраи андоз ё ҳисоботии санҷишшаванда, ки дар давраи санҷиш аз ҷониби андозсупоранда ба мақомоти андоз пешниҳод шудаанд ҳангоми тартиб додани санади санҷиш агар дурустии он исбот нашуда бошад, ба назар гирифта намешаванд.

80. Дар ҳолати аз ҷониби андозсупоранда пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ бо ёрии барномаҳои таъминотии компютерӣ санҷишгар ҳуқуқ дорад аз намояндагони андозсупоранда пешниҳод намудани нусхаи ҳуҷҷатҳои муҳосибиро дар ҳомилҳои қогазӣ бо тасдиқи имзои сармуҳосиби (муҳосиби) ташкилот ё соҳибкори инфиродӣ талаб намояд.

81. Бо розигии санҷишгарон санҷиши сабтҳои муҳосибии андозсупоранда метавонад бо базаҳои маълумотҳои компютерии андозсупоранда гузаронида шавад ба шарте, ки намояндагони андозсупоранда санҷишгарро бо дастурамалҳои истифодабарии системаҳои автоматикунонидашудаи маълумотҳо, инчунин бо хусусиятҳои пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозии дар системаҳои автоматикунонидашудаи маълумотҳо шинос кунанд.

82. Ҳангоми гузаронидани санҷиши маҷмӯӣ (ба истисноии ҳолатҳои тартиб додани фосилаи санади санҷишӣ) новобаста аз масъалаҳои дар барномаи санҷиш дохилшуда чунин масъалаҳои зерин санҷиш қарор дода мешаванд.

а) дар вақти гузаронидани санҷиши шахси ҳуқуқӣ бо мақсади ташкили кор дар баробари санҷиш муайян намудани оё дар шахси ҳуқуқи санҷишшаванда филиалҳо, намояндагиҳо ё дигар воҳидҳои масус мавҷуданд;

б) сиёсати баҳисобгирӣ (методикаи пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ) муайян гардидааст ва ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ҷавобгӯ мебошад ва аз ҷониби андозсупоранда риоя карда мешавад;

в) дар кадом бонк суратҳисобҳои ҷорӣ (ҳисоббаробаркунӣ, асъорӣ ва диг.) кушода шудаанд;

г) оё маълумотҳои феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ бо маълумотҳои китоби асосӣ, тавозун ва замимаҳо ба он, ҳисоботҳо, эъломияҳои андоз мутобиқ мебошанд;

д) маълумотҳои феҳристи баҳисобгирии андоз бо маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқ мебошанд;

е) ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ба таври лозима ба расмият дароварда шудаанд;

ё) дар феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ сабти бо ҳуҷҷатҳои аввалия тасдиқнашаванда инъикос шудааст; оё ҳуҷҷатҳои аввалияе, ки дар феҳрист гузаронида нашудаанд мавҷуданд;

ж) арзиши аслии молҳои (корҳо, хизматрасониҳо) истеҳсолшуда ва фурӯхташуда дуруст муайян шудааст;

з) маблағи савдо аз фурӯши молҳо (иҷрои кор ва хизматрасониҳо) дуруст муайян шудааст;

и) дурустии инъикоси амалиётҳо доир ба даромадҳо ва хароҷотҳои ғайрифурӯш;

к) ҳолати ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон, харидорон, дигар дебиторон ва кредиторон ва асоснокии ба вуҷуд омадани онҳо, мавҷудияти аз ҳисоб баровардани қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ;

л) оё воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ, молҳои қимматбаҳо дуруст даромад карда мешаванд, оё хурдашавии ҳисоб мешавад ва оё онҳо тибқи қонунгузории амалкунанда азнавбаҳогузорӣ карда мешаванд;

м) дуруст ва пурра ҳисоб намудан, ситонидан ва ба буҷет гузаронидани андозҳо;

н) асоснокии аз ҷониби андозсупоранда истифода намудани имтиёзҳои андоз;

83. ҳангоми санҷиши соҳибкори инфиродӣ ба таври ҳатмӣ ҳамаи эъломияҳо ва маълумотҳое, ки аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ дар давраи ҳисоботӣ ба мақомоти андоз пешниҳод шудаанд, санҷида мешаванд.

84. Ҳангоми санҷиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагӣ ва дигар фаъолияти андозсупоранд, ки ба ваколати мақомоти андоз гузошта шудааст, санҷишгарон бояд муқаррар намоянд:

а) андозсупоранда кай ва дар кадом мақомоти давлатӣ бақайдгирии давлатиро гузаштааст; оё аз ҷониби андозсупоранда дар хусуси тағйир ёфтани маълумотҳо дар аризаи ба қайдгузорӣ дар мақомоти андоз (барои шахсоне, ки ба қайд гузоштани онҳо дар мақомоти андоз бо ариза амалӣ карда мешавад), дигар маълумотҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ хабар дода шудаанд;

б) сари вақт ва пурра тибқи тартиби муқарраргардида, ташкил намудани сармояи оинномавӣ, мутобиқатии арзиши активҳои софи андозсупорандагон, ки барои онҳо тибқи қонунгузории дахлдор андозаи минималии сармояи оинномавӣ муқаррар гардидааст, андозаи минималии сармояи оинномавии муқаррарнамудаи қонугузорӣ;

в) барои амалӣ намудҳои фаъолияте, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд литсензия карда шаванд, бо гирифтани иҷозатномаи (литсензияи) дахлдор аз ҷониби андозсупоранда ба роҳ монда шудааст;

г) талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқииҶумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳисоббаробаркунӣ тавассути пули нақд риоя карда мешаванд;

д) риояи қоидаҳои истифодаи асбобҳои хазинавии ҷамъшаванда ва системаҳои махсуси компютерӣ ҳангоми фурӯши молҳо, истифода бурдани ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, ки сифати молҳоро тасдиқ мекунанд, ҳуҷҷатҳои ҳамроҳ фиристодашаванда, ҳуҷҷатҳои қабул (ворид) ё додани молҳоро барои фурӯш ва ғ. тасдиқ мекукнанд;

е) тартиби баҳисобгирӣ ва истифодабарии варақаҳои дорои ҳисоботашон қатъӣ;

ё) риояи тартиби гирифтан ва истифодаи мақсаднокӣ кӯмаки бебозгашти хориҷӣ, молу мулк ва воситаҳои аз амалӣ намудани чунин кӯмак гирифташуда,

кӯмаки техникии байналмилалӣ, пешниҳод ва истифодабарии кӯмаки бебозгашт (сарпараст);

ж) риояи талаботи қонунгузорӣ, ки тартиби махсусро барои ворид ва гардиши гуруҳҳои алоҳидаи молу маводҳои қимматбаҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар менамояд;

з) риояи тартиби амалӣ намудани амалиётҳои савдои хориҷӣ;

и) риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба истеҳсол, гардиш ва рекламаи машрубот, маҳсулоти ғайриғизоии спиртдор, спирти этилии ғайриғизоӣ, ашёи хоми тамоку ва маҳсулоти тамоку;

к) риояи тартиби муқарраргардидаи ҳисоб намудан ва гузаронидани пардохтҳо ба фондҳои мақсадноки буҷети давлатӣ;

л) аз ҷониби андозсупорана риоя гардидани талаботхои дигари қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон, ки назорати иҷрои он ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст.

85. Ҳангоми гузаронидани санҷиш санҷишгарон ӯҳдадоранд барои қабул намудани қарори асоснок ҳамагуна далел ва ҳолатҳои муҳимро (асосиро) муайян кунанд.

## БОБИ 12. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШҲОИ МУТАҚОБИЛАИ АНДОЗ

86. Санҷишҳои мутақобилаи андоз дар асоси амрномаи мақомоти андоз гузаронида мешавад. Натиҷаҳои санҷиши мутақобила бо маълумотномаи шакли озод ба расмият дароварда мешаванд, ки дар он ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои амалӣ намудани амалиётҳои хоҷагии санҷишшаванда алоқаманд бо тасдиқи имзои андозсупоранда замима карда мешаванд.

87. Дархост барои гузаронидани санҷиши мутақобилаи андоз ба нозироти андози дарқайдбудаи андозсупорандае, ки ба андозсупорандаи санҷидашаванда амалиёти муайян анҷом додааст, равон карда мешавад. Дар ин ҳол дархост барои гузаронидани санҷиши мутақобила метавонад доир ба амалиётҳои хоҷагӣ молиявӣ бо амали намудани хароҷотҳои алоқаманд, ки ба хароҷот бурда мешаванд, доир ба истеҳсолот ва фурӯши маҳсулотҳо, молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), ки ҳангоми андозбандӣ ба назар гирифта мешаванд, дар ҳолате, ки агар маблағи аз амалиёти алоҳида гирифташуда, ки бо резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешаванд, равона карда нашавад.

88. Ҳангоми дар ҳудуди як шаҳр мавҷуд будани якчанд ноҳияҳо, ки дорои нозироти андоз мебошанд, ё нозиротҳои андоз дар вилоятҳо санҷишҳои мутақобилаи андоз аз ҷониби ҳамон нозироте, ки дар он эъломияи андоз ва дигар ҳуҷҷатҳои андозсупоранда мавҷуд буда андозсупоранда ҳисобот пешниҳод менамояд, гузаронида мешавад.

89. Фиристодани дархостҳо ба мақомоти андози дигар давлатҳо барои гузаронидани санҷиши мутақобила аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз бо воситаи

равон намудани мактуби дахлдор (бо замимаи нусхаи хуҷҷатҳои санҷишшаванда, ё феҳристи ҳуҷҷатҳои санҷишшаванда, дар ҳолати калонҳаҷм будани онҳо) ба Мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мурочиат тибқи тартиби муқарраргардида ба маъмурияти мақомоти андози давлатҳои дахлдор амалӣ карда мешавад.

90. Барои гузаронидани санҷишҳои мутақобилаи андоз дар дигар давлатҳо танҳо бо иҷозати мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амали чунин назорати санҷишгаронро бо маъмурияти андози дигар давлатҳо мувофиқа менамояд, амалӣ карда мешавад.

91. Дар ҳолати муқаррар гардидани вайронкунии талаботи қонунгузории андоз аз ҷониби андозсупорандае, ки нисбати ӯ санҷиши мутақобилаи андоз гузашта истодааст, мақомоти андози ин санҷишро гузаронанда дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯзи корӣ аз рӯзи ба итмом расидани санҷиш оид ба далелҳои ошкоргардида ба мақоми андозе, ки андозсупоранда дар қайди он аст, хабар диҳад.

92. Санҷишҳои мутақобила ҳангоми мавҷуд будани яке аз ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

а) хулоса ва (ё) иҷрои муомилоти ғайри хос барои фаъолияти соҳибкори санҷишшаванда, ё барои андозсупорандагоне, ки намуди фаъолияти шабеҳро (монанд) иҷро менамоянд;

б) иҷрои муомилотҳои зараровар ё муомилотҳое, ки гирифтани даромадро (фоида) пешбинӣ наменамояд ё гирифтани даромади (фоидаи) минималиро пешбинӣ менамояд;

в) вайронкунии талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба барасмиятдарории муомилот, аз он ҷумла истифодаи ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии аввалияи беэътибор ва қалбакӣ;

г) мавҷуд будани қарзҳо доир ба ҳисоббаробаркунӣ бо контрагентҳо дар ҷараёни давраи тулонӣ (зиёда аз як сол);

д) мавҷуд будани нишонаҳои муомилоти бе мол.

93. Агар санҷиши мутақобилаи гузаронидашуда муқаррар намояд, ки аз ҷониби андозсупоранда барои тасдиқи хароҷотҳо барои ба даст овардани молу маҳсулоти қимматбаҳо (минбаъд – ММҚ) ҳуҷҷатҳои (борхати молӣ-нақлиётӣ, ҳисобнома-фактура) андозсупорандагоне нишон додашудаанд, ки дар ҷараёни гузаронидани санҷиши мутақобила мавҷуд будани онҳо тасдиқ намешавад ё ҳангоми гузаронидани санҷиши мутақобила андозсупоранда дар асоси сабтҳои баҳисобгирии молиявӣ додани молу маҳсулоти қимматбаҳо инкор мекунад ё ин ки онро назар ба миқдор ва маблағи дар баҳисобгирии андозсупорандаи санҷишшаванда инъикос ёфтаро кам тасдиқ мекунад, ё дар ҷараёни санҷиш далелҳои ба баҳисобгирии андозсупорандаи санҷишшаванда дохил накардани молу маҳсулоти қимматбаҳо муқаррар карда шудаанд, ки ба суроғаи он аз ҷониби

дигар андозсупорандагон ирсол карда шудааст, санҷишгар вазифадор аст аз андозсупорандагон оид ба сабаби номутобиқатии ошкоршуда баёнот талаб кунад.

## БОБИ 13. ХУСУСИЯТИ САНҶИШИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН ҲАНГОМИ АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ Ё БАРҲАМДИҲИИ ОНҲО

94. Ҳангоми азнавташкилдиҳии андозсупорандагон (ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, якҷояшавӣ, барҳамдиҳӣ) на дертар аз 20 рӯзи корӣ баъди аз ҷониби мақомоти андоз гирифтани ариза санҷиши маҷмӯии андоз таъин карда мешавад.

95. Нисбати соҳибкори инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият мекунад ба ҷои санҷиши андоз аз ҷониби мақомоти андози дахлдор муқоисаи маблағҳои пардохташуда гузаронида мешавад.

96. Санҷиши андоз танҳо нисбати давраи қаблан мавриди санҷиши маҷмӯӣ қарор нагирифта гузаронида мешавад.

97. Ба мақоми ваколатдор (мақомоти бозрасии давлатии автомобили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бақайдгирии ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул, идораи захираҳои замин, мақомоти гумрук) дархост оид ба пешниҳоди маълумот оиди бақайдгирии молу мулки манқул ва ғайриманқул, бақайдгирии ҳуқуқи моликият (истифодаи) қитаҳои замин, оид ба амалиётҳои воридотию содиротӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳатмӣ равон карда мешавад. Инчунин дархостҳо ба бонкҳо ва ташкилотҳое, ки баъзе аз амалиётҳои бонкиро амалӣ менамоянд барои пешниҳоди маълумот оид ба бақия ва гардиши пулҳо дар суратҳисобҳо равон карда мешаванд. Ҳангоми барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ баъд аз иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ, ки аз натиҷаи санҷиши андоз ба амал меоянд, суратҳисобҳои бонкӣ вобаста ба барҳамдиҳии андозсупоранда баста мешаванд.

98. Дар ҳолати азнавташкилдиҳии андозсупоранда бе барҳамдиҳии андозсупорандаи мавриди азнавташкилдиҳӣ қарорёфта (дар шакли тақсимшавӣ ва ташкилдиҳӣ) санҷиш аз ҷониби мақомоти андоз гузаронида мешавад.

99. Санҷиши андозсупорандагон-ворисони ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар қисмати фаъолияти андозсупорандагони азнавташкилёфта бо тартиби нақшавӣ гузаронида мешавад. Санади санҷишии андоз тартиб дода шуда ба роҳбари андозсупоранда - вориси ҳуқуқӣ супорида мешавад. Баровардани қарор оид ба санади санҷишӣ, супоридани он ва ситонидани маблағи андозҳо дар асоси Дастурамали мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории танзимкунандаи масъалаҳои ситонидани маблағҳо ба буҷет, амалӣ карда мешавад.

100. Ҳангоми аз ҷониби соҳибони молу мулк (муассисон, иштирокчиён) ё мақомоти шахси ҳуқуқӣ, оинномаи ваколатдор (шартномаи муассисӣ), соҳибкори инфиродӣ, ё суди хоҷагӣ, ё мақомоти бақайдгирӣ қабул намудани қарор оид ба бараҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ, қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, инчунин дар ҳолати оғоз намудани истеҳсолоти парванда доир ба нодории иқтисодии (муфлисшавӣ) шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ мақомоти андоз ӯҳдадоранд санҷиши андози шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродиро гузаронанд.

Ҳангоми оғоз ёфтани парванда доир ба муфлисшавӣ мақомоти андоз дар давоми 20 рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани таъиноти суд доир ба оғози истеҳсолоти парванда оид ба муфлисшавӣ объектҳои андозбандии ба қарздор тааалуқ доштаро барои тибқи тартиби муқарраргардида изҳор намудани талаботи кредитор хабар медиҳад.

101. Санади санҷишӣ ва қарор доир ба санади санҷиши ба яке аз муассисони (иштирокчиён, соҳибмулкон) шахси ҳуқуқӣ, инчунин ба соҳибкори инфиродӣ дода (фиристода) мешавад. Дар мактуб ба номи раиси комиссияи барҳамдиҳӣ (барҳамдиҳанда), соҳибкори инфиродӣ ё сардори муваққатии зиддибуҳронӣ фиристодашаванда талабот оид ба пардохти андозҳо, фоизҳо доир ба санади санҷишӣ, инчунин қарзҳои қаблан ташкилёфта ва дар варақаи ҳисоббаробаркунии шахсӣ мавҷудбуда арзёбӣ карда мешавад.

102. Мақомоти андоз вазифадор аст то тамом шудани мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои талаботи аризаи кредиторҳо ба шахсони ҳуқуқии барҳамхӯранда (шахсе, ки нисбати он қарор оид ба истеҳсолоти кушодани барҳамхӯрӣ) қарор оид ба санади санҷишӣ ва талабот доир ба пардохти андозҳо, фоизҳоро супорад.

103. Гузаронидани санҷиши андозсупоранда дар ҳолати тағйир ёфтани маҳаллӣ ҷойгиршавӣ ё маҳаллӣ истиқомати андозсупоранда аз ҷониби мақомоти андози маҳаллӣ ҷойгиршавии нав ва ё маҳаллӣ нави истиқомати андозсупоранда амалӣ карда мешавад.

104. Дар ҳолати ба мақомоти андоз ворид гардидани маълумот доир ба гирифтани даромад дар давраи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахси воқеӣ, ки вазъи хукукии соҳибкори инфиродиро дар натиҷаи қатъ намудани фаъолият гум кардааст, ҳангоми ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо бо риояи муҳлати даъвое, ки дар Кодекси андоз пешбинӣ шудааст, санади санҷишии шахси воқеӣ нисбати фаъолияти қатъкардашудаи ӯ тартиб дода шуда ба он қарор бароварда мешавад.

105. Қарзи андозии шахси ҳуқуқии барҳамхӯрдашаванда аз ҳисоби маблағҳои пулии ӯ, аз ҷумла аз фурӯши молу мулки он гирифташуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйпӯш карда мешавад.

106. Ба шахсоне, ки замини шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда корхонаи хоҷагии қишлоқ бебозгашт дода мешавад, оид ба маблағи қарзҳои андозии боқимондаи ин шахси ҳуқуқии барҳамхӯрдашаванда ҷавобгарии субсидиарӣ доранд.

107. Агар молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамхӯрдашаванда барои пурра пӯшонидани қарзи андоз кифоя набошад қисми боқимондаи қарзи андоз аз ҷониби муассисони (иштирокчиёни) шахси ҳуқуқии барҳамхӯрдашаванда, агар мувофиқи қонун ҳуҷҷатҳои таъсисӣ онҳо доир ба ӯҳдадории шахси ҳуқуқии барҳамхӯрдашаванда ҷавобгарии якҷоя (масъулияти муштарак) дошта бошанд, пӯшонида мешавад.

108. Баъди итмоми санҷиши маҷмӯии андоз ва пурра пӯшонидани қарзҳои андоз шахси ҳуқуқии барҳамхӯрдашаванда дар як вақт ба мақомоти андози маҳаллӣ ҷойгиршавии худ тавозуни барҳамхӯриро пешниҳод менамояд.

109. Пардохти андозҳо аз ҷониби соҳибкори инфиродии фаъолияти худро қатъкунанда, дар як вақт бо пешниҳод намудани ҳисоботӣ андозии барҳамхӯрӣ ба мақомоти андоз амалӣ карда мешавад.

110. Санҷиши андоз бояд на дертар аз 3 рӯзи корӣ баъд аз гирифтани аризаи соҳибкори инфиродии фаъолияти худро қатъкунанда аз ҷониби мақомоти андоз, оғоз карда шавад.

## БОБИ 14. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШҲОИ АНДОЗ ДОИР БА ТАСДИҚИ ДУРУРСТИИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА, КИ БАРОИ БАРГАРДОНӢ АЗ БУҶЕТ ОИД БА МУОМИЛОТЕ, КИ ТИБҚИ МЕЪЁРИ СИФРӢ АНДОЗБАНДӢ МЕШАВАНД, ПЕШНИҲОД ШУДААСТ

111. Нисбати андозсупорандае, ки на камтар аз 70 фоизи муомилоти андозбандишавандааш дар давраи ҳисоботӣ бояд тибқи меъёри сифр андозбандӣ шавад, барзиёдии маблағи андози ба ҳисоб гирифташаванда нисбат ба маблағи ҳисобкардашуда дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мақоми молия якҷоя бо мақоми андоз дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи гирифтани аризаи андозсупоранда дар бораи баргардонидани маблағи зиёдатӣ, ки супорандаи андоз аз арзиши иловашуда дар шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод кардааст, аз буҷети дахлдор баргардонда мешавад.

112. Маблағи зиёдатии андози ба ҳисоб гирифташуда, нисбати маблағи ҳисобкардашудаи андоз дар давраи ҳисоботӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин баргардонида мешавад:

а) эъломияи андоз аз арзиши иловашуда барои давраи андоз, ки тибқи тартиби муқарраршуда пешниҳод шудааст;

б) ҳуҷҷатҳое, ки барои тасдиқ намудани содироти молҳо лозиманд:

- шартномаи (қарордоди) таҳвили молҳои содиршаванда;

- эъломияи гумрукии бор бо қайди мақоми гумрукӣ, ки молҳоро бо низоми содирот баровардааст ва ҳангоми баровардани молҳо тибқи низоми содирот бо хатҳои интиқоли қувваи барқ ё бо истифодаи расмиёти эъломияи нопурраи давравӣ эъломияи пурраи гумрукии бор бо сабти мақоми гумрукие, ки барасмиятдарории гумрукро анҷом додааст;

- нусхаи ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунандаи молфиристонӣ бо сабти мақоми гумрук, ки дар нуқтаи гузаргоҳ дар сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидааст. Дар ҳолати баровардани молҳо тахти низоми гумрукии содирот тавассути хатҳои интиқоли қувваи барқ санади қабулу супоридани молҳо низ пешниҳод карда мешавад.

- ҳуҷҷатҳои маблағсупорӣ ва навиштаҷоти бонк (нусхаи навиштаҷот), ки воридоти воқеии даромади арзиро аз таҳвили молҳо ба содирот ба суратҳисобҳои андозсупоранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) ба суратҳисобҳои ӯ дар бонкҳои дар хориҷа, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шудаанд, тасдиқ менамоянд.

- агар шартнома (қарордод) ҳисобу китобро бо маблағҳои нақдии пулӣ пешбинӣ намояд, андозсупоранда навиштаҷоти бонкро (нусхаи навиштаҷотро), ки

ба суратҳисоби дар бонки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) ба суратҳисобҳои дар бонкҳои дар хориҷа кушодашудаи ӯ гузаронидани маблағҳои ба дастовардаашро тасдиқ мекунад, инчунин нусхаҳои ордери хазинавии даромадро, ки воридоти воқеии даромадро (маблағро) аз шахси хориҷӣ - харидори молҳои содиршуда тасдиқ мекунад, пешниҳод менамояд.

- ҳангоми анҷом додани амалиёти иқтисодии хориҷӣ доир ба мубодилаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) андозсупоранда ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи воридоти молҳоро (иҷрои корҳо, хизматрасониҳоро) ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи амалиётҳои зикргардида гирифта шудаанд ва ба ҳисоб гирифтани онҳоро пешниҳод мекунад.

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи содироти молҳо ба давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки дар қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 173 Кодекси андоз зикр шудаанд, инчунин нусхаи эъломияи гумрукии бор, ки дар мамлакати воридоти молҳои аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти низоми содирот баровардашуда ба расмият дароварда шудаанд. Мутобиқи шартномаи байналмилалӣ мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад тартиби дигари тасдиққунандаи содироти молҳо ба давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро муқаррар намояд.

113. Ҳангоми содироти минбаъдаи молҳое, ки қаблан берун аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти низоми коркард берун аз қаламрави гумрукӣ бароварда шудаанд ё маҳсулоти коркарди онҳо, тасдиқи содирот мутобиқи қисмҳои 1 2, 3 ва 4 моддаи 173 Кодекси андоз, инчунин дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин анҷом дода мешавад:

а) эъломияи гумрукии бор, ки мутобиқи он низоми коркард ба низоми содирот тағйир дода мешавад;

б) эъломияи гумрукии бор, ки таҳти низоми коркарди молҳо берун аз қаламрави гумрукӣ ба расмият дароварда шудааст;

в) нусхаи эъломияи гумрукии бор, ки ҳангоми воридоти бор ба қаламрави давлати хориҷӣ таҳти низоми коркарди молҳо дар қаламрави гумрукӣ (коркарди молҳо таҳти назорати гумрукӣ) ба расмият дароварда шуда, мақоми гумрукии ин барасмиятдарориро анҷомдода тасдиқ кардааст;

г) нусхаи эъломияи гумрукии бор, ки таҳти низоми содирот ҳангоми баровардани молҳо ё маҳсулоти коркарди онҳо аз қаламрави давлати коркарди мол ба расмият дароварда шудааст ва онро мақоми ба расмият дароварда тасдиқ кардааст.

д) ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи содироти молҳо ба мақоми андози маҳали бақайдгирӣ дар ҷараёни 180 рӯзи тақвимӣ аз санаи сабти мақоми гумрук андозсупоранда ҳуқуқ дорад андозеро, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 172 Кодекси андоз пардохт шудааст, баргашта гирад. Дар акси ҳол андозсупоранда барои баргашта гирифтани андозе, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 172 Кодекси андоз пардохт шудааст, ҳуқуқ надорад.

е) хулосаи мақомоти андоз, ки аз рӯи санади санҷиши мавзӯии андози гузаронидашуда дар хусуси тасдиқи ҳаққонӣ будани маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки барои баргардонидан пешниҳод мегардад, тартиб дода шудааст.

114. Андоз аз арзиши иловашуда бо роҳи пай дар пай иҷро намудани амалҳои зерин баргардонида мешавад:

а) ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоби пардохти андози мавҷудбудаи ин супорандаи андоз аз арзиши иловашуда доир ба қарзи дигар

андозҳо, аз ҷумла қарзи андоз аз арзиши иловашуда барои давраҳои пешинаи андоз;

б) ҳисобкунӣ ба андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми воридоти молҳо бояд супорида шавад;

в) ба суратҳисоби бонкии супорандаи андоз аз арзиши иловашуда гузарондани маблагхое, ки баъди иҷрои амалҳои пешбиникардаи зербандхои якум ва дуюми ҳамин банд боқӣ мондаанд.

115. Нисбати дигар андозсупорандагоне, ки дар ҳамин боб фаро гирифта нашудаанд, зиёдатии маблағи андози ба ҳисоб гирифташуда нисбати маблағи андози барои давраи ҳисоботӣ ҳисобшуда ба 3 давраи минбаъдаи ҳисоботӣ гузаронида мешавад ва ба ҳисоби ӯҳдадориҳои оид ба андоз барои ин давраҳо, инчунин ба ҳисоби пардохти қарздории супорандаи андоз аз арзиши иловашуда доир ба дигар андозҳо, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда барои давраҳои пешинаи андоз гузаронида мешавад. Ҳама гуна бақияи зиёдатӣ дар давоми 30 рӯзи баъди гузаштани ин давраи 3-моҳа аз буҷет баргардонида мешавад.

116. Дар ҳама ҳолатҳо, агар аз ҷониби мақоми андоз ошкор шавад, ки маблағҳои муайян ба андозсупоранда иштибоҳан баргардонда шудаанд, мақоми андоз метавонад талаб намояд, ки чунин маблағҳо мувофиқи тартиби барои ҷамъоварии андозҳо муқарраршуда баргардонида шаванд.

## БОБИ 15. УСУЛҲОИ АСОСИИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ АНДОЗ

117. Дар ҷараёни санҷиш метавонад усули санҷиши ҳуҷҷатӣ ва усули санҷиши воқеӣ истифода шавад.

118. Истифодаи усули санҷиши ҳуҷҷатиро санҷишагрон бо роҳҳои зерин амалӣ менамоянд:

а) омӯзиши системаи амалкунандаи баҳисобгирии дохилихоҷагии андозсупорандаи санҷишшаванда, назорат ва таҳлили иқтисодӣ;

б) санҷиши ҳуҷҷатҳо бо мақсади муқаррар намудани риояи талаботи қонунгузорӣ оид ба амалиётҳои гузаронидашудаи молиявӣ-хоҷагӣ;

в) таҳлили ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ бо мақсади муайян намудани асли будан, мансубият ва мувофиқатии онҳо тибқи талаботи муқарраргардида;

г) муқоисаи маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ бо маълумотҳои ҳисоботӣ, маълумотҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ бо маълумотҳои нақшавии дахлдор (смета, тавозуни даромадҳо ва хароҷотҳо ва ғ.);

д) муқоисаи сабтҳои ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои воқеӣ доир ба як амалиёт бо сабти ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои воқеии ба онҳо алоқаманди дигар амалиётҳои андозсупорандаи санҷишшаванда ва (ё) бо сабти ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои воқеии аз дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ гирифташуда;

е) дар ҳолатҳои зарурӣ муқоиса намудани маълумономаи бонкӣ доир ба суратҳисобҳои ҷорӣ (ҳисоббаробаркунӣ, хориҷӣ) бо сабтҳои аслӣ доир ба ин суратҳисобҳо дар бонк, инчунин бо роҳи шинос шудан бо ҳуҷҷатҳое, ки барои дохил намудани сабтҳои номбаршуда ҳамчун асос хизмат мекунанд барои муқоисаи онҳо бо нусхаҳои дар андозсупорандаи санҷишшаванда мавҷудбуда;

119. Истифодаи усули санҷиши воқеиро санҷишгарон бо роҳҳои зерин амалӣ менамоянд: (шаклҳои назорати андоз):

а) гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ, яъне муқоисаи сабтҳои дар андозсупорандаи санҷишшаванда мавҷудбуда, ҳуҷҷатҳо бо маълумотҳои ҳуҷҷатӣ, ки дар дигар андозсупоранда мавҷуданд, инчунин муқоисаи маълумотҳои ҳуҷҷатҳои аз ҷониби андозсупоранда пешниҳодгардида бо маълумотҳои дар дигар

нусхаҳои ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда инъикос ёфта, ки дар воҳидҳои гуногуни андозсупорандаи санҷишшаванда ё дигар андозсупорандагон мебошанд;

б) дар ҳолатҳои зарурӣ бо тартиби муқарраргардида муқоисаи нусхаҳои ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, ки дар андозсупорандаи санҷишшаванда мавҷуданд бо ҳуҷҷатҳои пардохтии дар бонк нигоҳ дошташаванда;

в) муоинаи ҳудуд ё бинои андозсупоранда, ки барои амалӣ намудани фаъолият истифода мешаванд (дигар шахси ваколатдор) муоинаи объектҳои андозсупоранда;

г) ченкунии назоратии ҳаҷми корҳои иҷрошуда;

д) бар кашидан ва чен кардани ашьёи хом, молҳо, молҳои нимтайёр ва тайёр;

е) таъин намудани инвентаризатсияи молу мулки андозсупоранда;

ё) ба кор андохтани назоратии ашьёи хом ва молҳо дар истеҳсолот, таҳлили назоратии ашьёи хом, молҳо ва маҳсулоти тайёр барои муқаррар намудани хароҷоти аслии ашьёи хом ва молҳо, дурустии азҳисоббарории ашьёи хом ва молҳо дар истеҳсолот, инчунин муқаррар намудани меъёри хароҷоти онҳо, муқоиса намудани маълумотҳои воқеӣ ва дохилкардашуда;

ж) санҷидани пурра ба даромад кардани молҳои тайёр, риояи меъёрҳои камшавии муқаррарӣ ҳангоми нигоҳдорӣ, боркашонӣ ва таҳвили молҳо ва молҳои қимматнок;

з) ташкил намудани дидбонгоҳҳои андоз;

и) хариди назоратии молҳо – молҳои қиматбаҳо, барасмиятдарории назоратии фармоишҳо барои иҷрои кор, хизматрасонӣ;

120. Санҷишгар бо назардошти барномаи санҷиш, ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ ва масъалаҳое, ки дар ӯ ҳангоми таҳлили ҳуҷҷутҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозии андозсупорандаи санҷишшаванда ба вуҷуд меоянд, мустақилона татбиқ намудани усули санҷишро муайян мекунад.

## БОБИ 16. ТАРТИБИ ДИГАРИ АМАЛИ НАМУДАНИ УСУЛИ САНҶИШИ ҲУҶҶАТӢ

121. Санҷиши ҳуҷҷатҳо метавонад бо ду усул амалӣ карда шавад:

а) усули санҷиши пурра, ки дар ҷараёни он манбаи андози муайяннамудаи андозсупоранда дар давраи санҷишшаванда бо роҳи таҳлили ҳамаи амалиётҳои хоҷагӣ ва ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки бо онҳо ин амалиётҳо ба расмият даровarda шудаанд, пурра санҷида мешавад;

б) усули санҷиши интихобӣ, ки дар ҷараёни он як қисми ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ, ки бо тасдиқи амалиётҳои молиявӣ-хоҷагӣ гузаронидаи андозсупоранда ба расмият даровarda шудаанд, таҳлил карда мешавад.

122. Ҳангоми санҷиши интихобӣ бо мақсади ошкор намудани номутобиқатӣ ва рад намудани нишондиҳандаҳои вобаста ва минбаъд ошкор намудани сабабҳои ташкил шудани онҳо санҷишгар таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодиро, ки паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти тиҷоратии андозсупорандаро тавсиф мекунад, татбиқ менамояд.

123. Агар дар санҷиши интихобӣ вайронкуниҳои қонунгузории андоз муқаррар карда шаванд, дар ин вақт аз ҷониби санҷишгарон масъалаи мувофиқи мақсад будани гузаронидани санҷиш бо усули пурра ҳал карда мешавад.

124. Барои муқаррар намудани дурусти ва мувофиқи мақсад будани

амалиётҳои хоҷагӣ, сабтҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ то худи ҳуҷҷатҳои аввалия назорат карда мешавад, фактҳои ғайриоддӣ ва нодуруст инъикосёфтаи фаъолияти хоҷагӣ ошкор карда мешаванд, инчунин сабабҳои хатогиҳо ва вайронкуниҳо муайян карда мешаванд, риояи қоидаҳои баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагӣ аз ҷониби андозсупоранда санҷида мешавад. Таҳлили мазмуни аломатҳои берунӣ ва дохилии ҳуҷҷатҳои аввалия ва баҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади санҷиши амалиётӣ асосии хоҷагӣ (санҷиши амалиётҳои ҳақиқии иҷрошуда, ошкор намудани амалиётҳои бе мол, санҷиши арифметикӣ (баҳогузорӣ) амалӣ карда мешавад.

125. Санҷиши ҳисоботҳои арифметикӣ (азнавҳисобкунӣ) бо мақсади тасдиқи дурустии математикии манбаҳои ҳуҷҷатҳо ва сабтҳои муҳосибӣ бо усули пурра ё интихобӣ амалӣ карда мешавад.

126. Муқоисакунии маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва амалиётӣ бо мақсади муқаррар намудани мутобиқатии маълумотҳои дар китобҳои хазинадорҳо, чекҳои молӣ, китобҳои баҳисобгирии анбор ва дигар ҳуҷҷатҳои аввалия инъикосёфта, бо маълумотҳои дар баҳисобгирии муҳосибӣ дарҷшуда амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 17. ТАРТИБИ АМАЛӢ (ИСТИФОДА) НАМУДАНИ УСУЛҲОИ ДИГАРИ САНҶИШИ ВОҚЕӢ

127. Таҳлили назоратии ашёи хом, маҳсулотҳо ва молҳои тайёр аз ҷониби санҷишгарон бо ҷалби экспертҳо барои муқаррар намудани сифати ашёи хом ва сабабҳои нуқсоншавӣ (бракшавӣ), санҷиши хароҷотҳои ҳақиқии ашёи хом ва маҳсулотҳо барои тайёр намудани як воҳиди моли тайёр ва асоснокии меъёрҳои муқарраргардида гузаронида мешавад.

128. Муайян намудани ҳаҷми корҳои иҷрошуда бо ҷалби мутахассисони дахлдор бо мақсади муқоиса намудани ҳаҷми ҳақиқии корҳо бо ҳаҷмҳои дар ҳуҷҷатҳои ҳамчун асос барои пардохти чунин корҳо хизматкунанда гузаронида мешавад.

129. Барои гузаронидани маҷмӯи (комплекси) ченкуниҳо доир ба амалӣ намудани назорат барои риояи қонунгузории андоз ва ё дигар қонунгузорӣ ба мақомоти андоз, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 41 Кодекси андоз дидбонгоҳҳои андоз ташкил карда мешавад. Зери дидбонгоҳҳои андоз мавҷудияти кормандони мақомоти андоз дар объектҳои (ҳудудҳои, бинои, иморати) андозсупоранда, воҳидҳои сохтории ӯ, ки истеҳсоли молу маҳсулоти қимматбаҳо ва фурӯши онҳоро амалӣ менамоянд, инчунин иҷрои кор мекунанд, аз он ҷумла доир ба коркарди ашёи хом, маҳсулотҳо (минбаъд-истеҳсолкунанда) фаҳмида мешавад.

130. Корманди ваколатдори мақомоти андоз ҳангоми амалӣ намудани чорабиниҳои назоратӣ ҳуқуқ доранд барои санҷиши риояи қонунгузорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ хариди назоратии ММҚ ва барасмиятдарории назоратии фармоишҳо барои иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, аз он ҷумла тартиби муқарраргардидаи қабули воситаҳои пулии накдро гузаронанд.

## БОБИ 18. САНҶИШИ ВОҚЕАН МАВҶУД БУДАНИ МОЛҲОИ ҚИМАТБАҲО ДАР ХАЗИНА (ШАХСОНИ ҲИСОБОТДЕҲ)

131. Ҳангоми санҷиши воқеан мавҷуд будани молҳои қиматбаҳо дар хазина ва (ё) дар шахсони ҳисоботдеҳ азнавҳисобкунии пурраи маблағҳои қоғазии накдӣ

ва санҷиши дигар молҳои қиматбаҳо, ки дар хазина мебошанд, гузаронида мешавад. То оғози азнавҳисобкунӣ аз шахси ба молҳо ҷавобагар ва (ё) аз шахси ҳисоботдеҳ тасдиқномаи хаттӣ дар бораи он ки ҳама ҳуҷҷатҳои воридотӣ барои воситаҳои пулӣ ва дигар молҳои қиматбаҳо ба муҳсоибот супорида шудаанд ва ҳамаи воситаҳои пулӣ (дигар молҳои қиматбаҳо) даромад карда шудаанд ва воситаҳои пулӣ ва (ё) молҳои қиматбаҳои баромада аз ҳисоб баровардашуда ба хароҷот бурда шудаанд талаб карда шавад.

132. Шахси ба молҳо ҷавобгар (шахсе, ки уҳдадориаш бо ҳуҷҷати махсус тасдиқ карда шудааст) дар ҳузури санҷишгарон ва намояндагони андозсупоранда азнавҳисобкунии маблағҳои нақдӣ ва санҷиши дигар молҳои қиматбаҳо, ки дар хазина (бинои хазина) ҷойгиранд, амалӣ карда мешавад.

133. Ҳангоми азнавҳисобкунии маблағҳои воқеии пулӣ дар хазина аломатҳои пулӣ, маркаҳои почтавӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

134. Натиҷаҳои санҷиш бо санади санҷиши мавҷудияти воситаҳои пулӣ ва дигар молҳои қиматбаҳо дар хазина (бинои хазина), ва (ё) дар шахси ҳисоботдеҳ тартиб дода мешавад, ки дар он бақияи воситаҳои пулӣ ва молҳои қиматбаҳои мавҷуда ва маълумотҳои баҳисобгирӣ дар рӯзи санҷиш нишон дода шудаанд ва натиҷаи санҷиш муайян карда мешавад, ба расмият дароварда мешаванд. (Замимаи 7)

135. Доир ба аз тарафи санҷиш ошкор гардидани тамоили мавҷудияти воқеии воситаҳои пулӣ ва дигар молҳои қиматбаҳо дар хазина аз маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳо шахси ба молҳо ҷавобгар (ҳисоботдеҳ) ӯҳдадор аст ба санҷишгар баёноти хаттии сабабҳои норасоӣ ё зиёдатиро пешниҳод намояд.

## БОБИ 19. ТАРТИБИ ИҶРО НАМУДАНИ АМАЛҲОИ АЛОҲИДА ДАР ҶАРАЁНИ САНҶИШ

136. Мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани санҷиш, инчунин дар вақти боздоштани он ҳуқуқ дорад ҳамагуна шахсони воқеиро, агар чунин санҷиш нисбати ин шахс ё нисбати дигар андозсупоранда гузаронида шуда истода бошад, ки дар бораи он ин шахси воқеӣ аз рӯи иштирок дар иҷрои амалиёт маълумоти лозима дорад, даъват намояд. Пурсиши шахсони воқеӣ (харидорон ё истифодабаранадгони молҳо (хизматҳо), шахсони дар асоси шартномаи меҳнатӣ ё гражданию ҳуқуқӣ корҳоро иҷрокунанда, ронандагони аз тарафи андозсупорандагон боркашонии борҳоро анҷомдода барои санҷиши андозсупоранда, муҳосибон, менеҷерон ва дигар ҳайати коркунони андозсупорандаи санҷишшаванда, ки дар давраи гузаронидани санҷиш кор мекунанд) аз ҷониби мақомоти андоз дар ҳолати аз дигар мақомоти дахлдор ворид шудани маълумот дар бораи вайронгардидани талаботи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон то гузаронидани санҷиш ва ё барои ҷамъ намудани манбаи далелҳо ва муайян намудани ӯҳдадории андоз дар вақти санҷиш амалӣ карда мешавад.

137. Санҷишгарон ҳуқуқ доранд баёноти хаттиро аз андозсупорандаи санҷишшаванда ё шахсони воқеӣ оид ба масъалаҳои дар ҷараёни гузаронидани санҷиш ба вуҷудомада, агар чунин санҷиш нисбати ин шахс ё дигар андозсупорандае гузаронида шуда истода бошад, ки дар бораи ӯ ин шахс маълумоти лозима дорад ё метавонад дошта бошад бе даъват ба мақомоти андоз,

талаб намоянд.

138. Мақсад аз даъвати шахси воқеӣ ва аз ӯ гирифтани баёнот, санҷидани фактҳои ҳуқуқвайронкунии андоз, муқаррар намудани ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунии содиршуда аз ҷониби андозсупорандаи санҷидашаванда мебошад.

139. Ба шахси воқеии даъватшаванда пешаки огоҳинома фиристода мешавад.

140. Огоҳинома ба шахси даъватшаванда бо гирифтани дастхат супорида мешавад.

141. Шахси воқеии ба мақомоти андоз даъватшуда, ки нисбати ӯ санҷиш гузаронида мешавад, ҳуқуқ дорад иштирок намудани намояндаи худ ё ҳимоячӣ, инчунин иҷозати истифодаи сабти овозиро талаб намояд. Мақомоти андоз ҳуқуқи рад намудани талаботҳои зикршударо надорад.

142. Аз шахси воқеӣ ҳама маълумотҳои ба ӯ маълумро оид ба фаъолияти андозсупорандаи санҷишшаванда (санаи аз ҷониби андозсупорандаи санҷишшаванда гузаронидани амалиёт, шумора ва арзиш, усулҳои фиристодан (гирифтан) ва арзиши молу маҳсулоти қимматбаҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) муайян намудан лозим аст. Дар ҳолати аз ҷониби шахси воқеӣ тасдиқ шудани иштирок дар гузаронидани амалиёт, ки аз ҷониби андозсупорандаи санҷишшаванда иҷро карда шудааст бояд муайян карда шавад, ки оё дар шахси воқеи мазкур ҳуҷҷатҳое, ки ба амалиёти номбаршуда алоқамандӣ доранд, намондаанд.

143. Ҳуҷҷатҳои зикргардида аз шахси воқеӣ бо тартиби муқаррарнамудани қонунгузорӣ талаб карда мешаванд, ва нусхаҳои онҳо дар якҷоягӣ бо натиҷаҳои пурсиш ба маводҳои санҷиш ҳамроҳ карда мешаванд.

144. Дар ҳолати номутобиқатии маълумотҳои аз шахси воқеӣ гирифташуда ба ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии аввалияи андозсупорандаи санҷишшаванда, санҷишгар ӯҳдадор аст сабабҳои номутобиқатии маълумотҳои баҳисобгириро муқаррар кунад ва сабабҳои ошкоргардидаро дар санади санҷишӣ дар ҳолатҳои зерин инъикос намояд:

а) номутобиқатии маълумотҳои баҳисобгирии андозсупорандаи санҷишшаванда бо маълумотҳои гирифташуда;

б) ба расмият надаровардан ва (ё) ба баҳисобгирии муҳосибӣ (баҳисобгирии даромадҳо в хароҷотҳо) пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи факти таҳвили маҳсулотҳо, молҳо (корҳо, хизматрасониҳо);

в) ба хазина насупоридани пулҳои нақд ва дигар молҳои қиматбаҳо ва бо ҳуҷҷатҳои аввалия тасдиқ накардани пардохтҳои аз харидорон барои молҳои таҳвилшуда, корҳои (хизматрасониҳои) иҷрошуда гирифташуда;

г) ба ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ дохил намудани маълумотҳои номутобиқ ба таркиби фактҳои амалиёти хоҷагидорӣ;

д) пинҳон намудан манбаи андоз, нодуруст татбиқ намудани меъёрҳои андоз ва (ё) имтиёзҳои андоз

145. Ҳангоми зарурият санҷишгар ӯҳдадор аст санҷиши мутақобилаи андози дигар андозсупорандагонро, ки нисбати амалиётҳои хоҷагидории гузаронидашудаи андозсупорандаи санҷишшаванда алоқамандӣ доранд, гузаронад, инчунин ба роҳбари мақомоти андоз оид ба ҷалб намудани эксперт ё мутахассис ба санҷиш пешниҳодҳо кунад.

146. Баёнотҳои хаттии шахсони воқеӣ, санадҳои санҷишҳои мутақобила,

ҳуҷҷатҳои аввалия, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ пешниҳод карда шудаанд ва дигар маводҳои амалҳои санҷишии санҷишгарон барои тағйир додани андозаҳои ӯҳдадории андози андозсупорандаи санҷишшаванда асос мебошанд ва аз ҷониби санҷишгарон дар санади санҷиши инъикос карда мешаванд.

## БОБИ 20. ТАРТИБИ ҶАЛБ НАМУДАНИ МУТАХАССИСОН, ЭКСПЕРТҲО ВА ТАРҶУМОНҲО БАРОИ МАҚСАДҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ НАЗОРАТИ АНДОЗ ВА ПАРДОХТИ ХИЗМАТИ ОНҲО

147. Барои максадҳои гирифтани хулоса дар бораи риояи қонунгузори андозсупоранда доир ба саволҳои (амалиётҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ), ки аз доираи ваколатҳои мақомоти андоз бар меоянд, мақомоти андоз бо мақсади расонидани кӯмак дар рафти гузаронидани санҷиш метавонад эксперт ё мутахассисеро, ки оид ба саволи мазкур дониши махсус дорад, чалб кунад.

148. Мақомоти андоз дар ҳолатҳои зерин бо мақсади расонидани кӯмак дар ҷараёни гузаронидани санҷиш, эксперт ё мутахассисро чалб менамояд:

а) ошкор намудани саркаши дар ҷараёни муқоисаи сабтҳо, ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои воқеӣ доир ба як амалиёт бо сабтҳо, ҳуҷҷатҳо ва амалиётҳои воқеии алокаманд бо дигар амалиётҳо;

б) ошкор намудани саркашӣ нишондиҳандаҳои иқтисодии ташкилоти санҷишшаванда бо ташкилотҳои соҳаи шабех;

в) дар андозсупорандаи санҷишшаванда мавҷуд набудани меъёрҳои хароҷоти молу маводҳо тибқи тартиби муқарраргардида тасдиқшуда;

149. Ҳангоми фиристодани дархост ба мақомоти салоҳиятдор дар бораи равон кардани эксперт ё мутахассис мақомоти андоз дар дархост асос барои таъин намудани экспертиза, инчунин саволҳое, ки барои онҳо гирифтани хулосаи эксперт (мутахассис) зарур аст, нишон медиҳад. Ба дархости мақомоти андоз метавонад маводҳои ба ихтиёри эксперт (мутахассис) гузошташаванда замима карда шаванд.

150. Саволҳои ба эксперт ё мутахассис гузошташуда, ва хулосаи ӯ наметавонад аз дониши махсуси эксперт ё мутахассис берун бошад. Ҳангоми таъин намудани экспертиза мақомоти андоз метавонад дар назди эксперт чунин саволҳоро гузорад:

а) муқаррар намудани асли будани ҳуҷҷатҳои бахисобгирӣ, инчунин муносибати шахсони мансабдори андозсупорандаи санҷишшаванда ба барасмиятдарории онҳо (пур кардани регистрхо);

б) муайян намудани нишондиҳандаҳои истифодабарии молҳои арзишдор ва қувваи корӣ дар просесси истеҳсолот (масолеҳғунҷоӣ, меҳнатталабӣ, ҳосилнокии меҳнат ва ғ.);

в) муайян намудани нишондиҳандаҳои молу маводҳо ва аломатҳои ҳаракати молҳо (ном, сифат, навъи мол, мамлакати истеҳсолкунанда ва ғ.);

г) муқаррар намудани сатҳи нархи фурӯши молҳо (маҳсулотҳо, корҳо, хизматҳо) дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) дигар давлатҳо;

д) муқаррар намудани мутобиқати маҳсулот ба талаботҳои стандарти давлатӣ;

е) гузаронидани ченкунии назоратии ҳаҷми корҳои иҷрошуда, баркашидан ва чен кардани ашёи хом, масолеҳи хом, масолеҳи нимтайёр ва маҳсулоти тайёр;

ё) муайян намудани ба корандозии назоратии ашёи хом ва маҳсулоти хом дар истеҳсолот;

ж) гузаронидани таҳлили назоратии ашёи хом, молҳо ва маҳсулоти тайёр (бо

мақсади муқаррар намудани хароҷоти аслии ашёи хом ва молҳо, дурустии аз ҳисоб баровардани ашёи хом ва молҳо дар истеҳсолот, инчунин муқаррар намудани меъёри хароҷоти онҳо, муқоисакунии маълумотҳои асли ва дохилкардашуда);

з) дигар саволҳои ба муоинаи фаъолияти хоҷагидории андозсупорандаи санҷишшаванда алоқаманд.

151. Дар ҳолате, ки андозсупоранда оиди ҷудо намудани эксперт (мутахассис) муроҷиат намояд мақомоти андоз ӯҳдадор аст, асоснокии аризаи андозсупорандаро баррасӣ намуда ва қарори дахлдор қабул намояд. Дар баробари ин, эксперт ё мутахассиси ҷалбшаванда набояд ба натиҷаҳои санҷиш ҳавасманд бошад.

151. Мутахассисҳо аз тарафи мақомоти андоз дар ҳолатҳои зерин ҷалб карда мешаванд, дар ҳолатҳои:

а) хусусияти пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибии андозсупорандаи санҷишшаванда;

б) аз ҷониби мақомоти андоз таъин намудани гузаронидани инвентаризатсия;

в) маслиҳатгирӣ доир ба саволҳои просесси технологияи истеҳсолӣ;

г) зарурияти тарҷумаи ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии андозсупорандаи санҷишшаванда ба забони русӣ ё тоҷикӣ;

д) тарҷумаи дархостҳои мақомотҳои андози дигар давлатҳо ва (ё) дигар ташкилотҳои салоҳиятдори марбута барои гузаронидани санҷишҳои мутақобилаи санҷиши гузаронидашудаистодаи амалиётҳои хоҷагидории андозсупорандаи санҷишшаванда;

е) муқаррар намудани мутобиқатии ҳуҷҷатҳои аввалияи андозсупорандаи санҷишшаванда бо таркиби аслии амалиётҳои хоҷагидорӣ.

152. Экспертиза дар асоси шартномаи байни мақомоти андоз ва мақомоти экспертизаро анҷомдиҳанда гузаронида мешавад, ки дар он бояд омилҳои зерин пешбинӣ карда шаванд:

а) мӯҳлати гузаронидани экспертиза;

б) намуд ва хосияти экспертизаи гузаронидашаванда;

в) саволҳои ба эксперт ё мутахассис вогузоршуда;

г) арзиши экспертиза ва тартиби ҷуброни хароҷотҳо вобаста ба гузаронидани он;

д) ном, насаб номи падари мутахассисон ва экспертҳои экспертизаро анҷомдиҳанда.

153. Аз натиҷаи экспертизаи гузаронидашуда аз ҷониби мутахассисони (экспертҳои) экспетизаро гузаронида хулоса тартиб дода мешавад. Хулоса бо тамоми маводҳо ба мақомоти андози санҷишро гузаронанда барои ба санади санҷиши ҳамроҳ намудан равона карда мешавад. Ба санади санҷиши хулоса ва ҳама ҳисобҳотҳо, протоколҳои пурсиши (баёнотҳои хаттӣ), ки шахсони вазифадор ва масъулияти молӣ дошта (ҳисоботдеҳ) дар асоси хулосаи экспертӣ анҷом дода шудаанд ва боамалии (беамалии) онҳо сабаби вайронкунии қонунгузории андоз ва дигар қонунгузорӣ гаштааст, замима карда мешаванд.

154. Пардохт барои гузаронидани экспертиза ё хизматҳои мутахассис бо риояи талаботи сархати 16 қисми 1 моддаи 89 Кодекси андоз амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 21. ТАРТИБИ ГИРИФТАНИ ҲУҶҶАТҲО

155. Шахси мансабдори мақомоти андоз дар ҳамон ҳолатҳое, ки барои гузаронидани санҷиш нусхаҳои ҳуҷҷатҳои андозсупорандагон кифоя нестанд ё дар

мақомоти андоз асосҳои кофӣ мавҷуданд, ки ҳуҷҷатҳои аслӣ нест, пинҳон, ислоҳ ё иваз карда мешаванд, инчунин ҳангоми ошкор намудани фактҳои тайёр намудани ҳуҷҷатҳои сохта, ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳои аслиро гирад.

156. Корманди мақомоти андоз, ки санҷиши андозро амалӣ менамояд санад дар бораи қабул ва баргардонидани ҳуҷҷатҳо тартиб медиҳад. (Замимаи 8). Санади номбаршуда дар ду нусха тартиб дода шуда, як нусхаи он ба шахсе, ки аз ӯ ин ҳуҷҷатҳо гирифта шудаанд, дода мешавад.

157. Гирифтани ҳуҷҷатҳо бо иштироки шахсоне, ки аз онҳо ҳуҷҷатҳо гирифта мешаванд, анҷом дода мешавад.

158. Танҳо он ҳуҷҷатҳое, ки ба предмети санҷиш муносибат доранд бояд гирифта шаванд. Ҳаҷми ҳуҷҷатҳои гирифташаванда бояд барои асоснокии мавқеи мақомоти андоз ҳангоми исботи факти ҳукуквайронкунии ошкоршуда кифоя бошад. Дар ин вақт шумораи ҳуҷҷатҳои гирифташаванда бояд камтарин бошад.

159. Дар навбати аввал ҳуҷҷатҳои амалан барқарорнашаванда ва душвор барқароршаванда гирифта мешаванд.

160. Ба ҳуҷҷатҳои амалан барқарорнашаванда дохил мешаванд, ҳуҷҷатҳои дар як нусха мавҷудбуда, ё ҳуҷҷатҳое, ки бе онҳо муайян намудани иштирокчиёни амалиётҳои молиявӣ-хоҷагӣ ғайриимкон мебошад.

161. Ба ҳуҷҷатҳои душвор барқароршаванда ҳуҷҷатҳои аввалия, ки бо роҳи гузаронидани санҷишҳои мутақобила, гузаронидани пурсишҳои шахсони воқеӣ ва дигар ҳаракатҳо (шартномаҳо барои иҷои кор ё таҳвили мол, санадҳои иҷрои кор, борхати молӣ-нақлиётӣ, ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркуниҳои пардохтӣ ва ғ.) метавонанд барқарор карда шаванд, дохил мешаванд.

162. Ҳуҷҷатҳои осон барқароршаванда (ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии синтетикӣ, ҳисоботҳои маҷмӯӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои шабеҳ, ки бо мазмуни худ дар асоси ҳуҷҷатҳои мавҷудаи баҳисобгирии аввалия метавонанд барқарор шаванд) дар ҳолатҳои ниҳоят зарур гирифта мешаванд.

163. Ҳуҷҷатҳои гирифташаванда шумурда бо нишондоди аниқи номгӯй, рӯйхат ва шумораи ҳуҷҷатҳои гирифташаванда дар санади гирифти ҳуҷҷатҳо замима карда мешавад.

164. Дар санад инъикос карда мешавад: аз ҷониби ки кай ва бо кадом асос мусодираи ҳуҷҷатҳо гузаронида шудааст, номгӯи ҳуҷҷатҳои гирифташуда ҳангоми зарурият тавсифи гирифти ҳуҷҷатҳо дода мешавад; санаи тартиб додан, рақам, аз ҷониби ки дода шудааст, шумораи варақҳо ва дигар маълумотҳои дар ихтиёри санҷишгар буда, ки ҳуҷҷатҳоро гирифтааст гузуронидааст, ки онҳо дар оянда аниқ баробар кардани гирифтани ҳуҷҷатҳо ва мансубияти он дар амалиётҳои молиявӣ-хоҷагӣ, ки аз ҷониби андозсупоранда иҷо шудаанд иҷозат диҳад.

165. Ҳангоми гирифтани ҳуҷҷатҳо санҷишгарон вазифадоранд ба андозсупоранда барои гирифтани нусхаи ҳуҷатҳои гирифташаванда имконият диҳанд.

166. Санҷишгарон ҳуқуқ доранд муқоисаи сабтҳои муҳосибӣ, баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳоро дар асоси маълумотҳои базаҳои компютерӣ бо сабти ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ, ки аз ҷониби андозсупоранда барои санҷиш пешниҳод гардидаанд, гузаронад.

167. Дар ҳолатҳои ошкор намудани номутобиқатӣ санҷишгарон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ҳуқуқ доранд пешниҳод намудани нусхаҳои ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар ҳомилҳои қоғазӣ (нусхашуда), ки бо имзои сармуҳосиби ташкилот

ё соҳибкори инфиродӣ тасдиқ шудаанд, талаб намояд.

168. Ҳангоми дар ҷараёни санҷиш вайронкуниҳои тартиби истифодаи асбобҳои хазинавии ҷамъшаванда, мошинаҳои чиптадиҳанда, сабабгори тағйир додан ё нобуд кардани маълумотҳои ҷамъшуда дар бораи гирифтани воситаҳои пулии нақд гарданд, чунин дастгоҳҳо бояд гирифта шуда, барои муоинаи техникӣ равон карда шавад.

## БОБИ 22. ТАЛАБОТҲОИ УМУМӢ БА САНАДИ САНҶИШӢ

169. Бо ҷамъбасти санҷиш аз ҷониби санҷишгарон санад бо шакли муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур тартиб дода мешавад.

170. Санади санҷиши аз қисмҳои зерин иборат мебошад:

а) дар қисми аввал – муқаддима маълумотҳои умумӣ доир ба андосупорандаи санҷишшаванда нишон дода мешаванд, аз ҷумла:

- асос барои таъин намудани санҷиш, сана ва рақами амрнома барои гузаронидани он, мансаб, ному насаби корманди мақомоти андоз, ки санҷиши андозро мегузаронад;

- санаи оғоз ва ба охир расидани санҷиш (ҳангоми таваққуф (танаффус) давраҳои он нишон дода мешавад), инчунин маҳалли тартиб додани санад;

- мансаб, ному насаби шахсони мутобиқи Дастурамали мазкур барои имзо намудани санади санҷишӣ вазифадор (шахси воқеӣ, роҳбари ташкилот, сармуҳосиб (муҳосиби калон бо ҳуқуқҳои сармуҳосиб), ки ҳуқуқи гузоштани имзоро дар бонк ва дар эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба мақомоти андоз пешниҳод мешаванд, дорад), бо нишондоди давраи кории онҳо дар мансабҳои ишғолнамуда дар давраи санҷишшаванда, инчунин дигар шахсони ба санҷиш ҷалбшаванда;

- номгӯй, маҳалли ҷойгиршавӣ ва тобеияти андозсупорандаи санҷишшаванда, насаб, ном, номи падар, маҳаллӣ истиқомати соҳибкори инфиродии санҷишшаванда (дигар шахси воқеӣ) рақамаи мушаххаси андозсупорандаи онҳо, маълумотҳо (реквизитҳо) оиди суратҳисоби ҷорӣ дар бонк;

- мавҷуд будани дафтари бақайдгирии санҷишҳо, инчунин маълумот дар бораи сабтҳои дар он доир ба санҷиши мазкур ворид карда шуда;

- санҷишҳои қаблии риояи қонунгузории андоз ва (ё) дигар қонунгузорӣ аз рӯи мавзӯъҳои шабеҳ аз ҷониби ки ва кай гузаронида шудаанд ва доир ба фактҳои вайронкуниҳои ошкоргардидаи санадҳои қонунгузорӣ чигуна чораҳо қабул гардидаанд (маълумот дар бораи санҷиши маҷмӯии охирон ва санҷишҳои мавзӯии қаблӣ, ки дар давраҳои санҷишшаванда гузаронида шудаанд);

- чи гуна (ҳуҷҷатҳои) амалиётҳои молиявӣ-хоҷагӣ, бо кадом усул ва барои кадом давра санҷида шудаанд;

- дигар маълумотҳо: (ташкилёбии фонди оинномавӣ, мавҷудияти иҷозатномаҳои (литсензияҳои) махсус ва ғайра).

б) қисми дуюми санад аз ду боб иборат буда, дар онҳо маълумотҳо дар бораи вайронкуниҳои ошкоршуда ифода карда мешавад. Дар боби якум маълумот дар

бораи аз ҷониби андозсупоранда вайрон намудани тартиби муқарраргардидаи ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо инъикос карда мешавад. Дар боби дуюм фактҳои аз ҷониби андозсупоранда вайрон намудани талаботи дигар санадҳои қонунгузорӣ ошкоргардида (бобҳо вобаста аз намуди санҷиш пур карда мешаванд) ифода карда мешаванд. Ҳангоми ифода намудани вайронкуниҳои ошкоргардида ба таври ҳатмӣ чунин маълумотҳо инъикос карда мешаванд:

- маҳал, вақт (агар он муқаррар шуда бошад) ва хусусияти ҳуқуқвайронкунии содиршуда, санадҳои қонунгузорӣ, ки талаботи онҳо вайрон шудаанд ва (ё) тибқи муқаррароти қонунгузорӣ барои ин намуди ҳуқуқвайронкунӣ чи гуна ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар гардидааст;

- фактҳои пинҳон кардан ё сари вақт напардохтани андозҳо, дигар ҳуқуқвайронкуниҳои молиявӣ, нодуруст пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ, андозӣ ва тартиб додани ҳисботҳо;

- андозаи зарари расонидашуда (ҳангоми мавҷуд будани он) ва дигар оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардида;

- дар ҷараёни санҷиш муқаррар намудани норасоии воситаҳои пулӣ, инчунин норасоӣ ва зиёдатии молу маҳсулоти қимматбаҳо;

- дигар маълумотҳо, ки барои баррасии маводҳо дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои андоз ва (ё) дигар ҳуқуқвайронкуниҳои содиршуда заруранд.

в) қисми сеюм, қисми ҷамъбастии санади санҷиш буда дар он санҷишгарон маблағи ҷамъбастии андозҳо, инчунин талабот оид ба аз ҷониби андозсупоранда бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои роҳдодаи қонунгузории андоз ва (ё) дигар қонунгузориро инъикос менамоянд. Дар қисми ҷамъбастӣ ҳамчунин насаб, ном, номи падар, амалӣ (беамалии) шахсоне, ки сабабгори вайронкунии талаботи қонунгузории андоз шудаанд, нишон дода мешавад.

171. Мувофиқи банди 10 моддаи 89 Кодекси андоз санҷишгарон ҳуқуқ доранд аз андозсупоранда бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ошкорнамудаи андоз ва дигар қонунгузорӣ, ки назорати он ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, талаб намоянд, инчунин иҷрои чунин талаботҳоро назорат намоянд.

172. Талабот дар қисми ҷамъбастии санад бо нишондоди маблағи андозҳо ва фоизҳо (пеняҳо), ки бояд ба буҷет пардохта шаванд, рақамҳои суратҳисобҳое, ки бояд маблағҳои дар санад нишондодашуда гузаронида (пардохта) шаванд, ифода карда мешавад. Дар ин вақт маблағи фоиз дар санади санҷиши аз ҷониби санҷишагарон дар асоси аз шумораи рӯзҳо сар карда аз рӯзи минбаъдаи рӯзи пардохти андоз, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст то ба рӯзи тартиб додани санад муайян карда мешавад.

173. Маблағи андозҳо ва фоизҳо, ки аз рӯи натиҷаи санҷиш бояд пардохта шаванд, дар сурати аз ҷониби андозсупоранда бо таври ихтиёри напардохтани онҳо аз ҷониби мақомоти андоз аз рӯзи минбаъдаи супурдани (равон кардани) қарор доир ба санади санҷиши андозсупоранда маҷбуран ситонида мешаванд.

174. Санҷишгарон барои дурустии маълумотҳои дар санад ҷойгиршуда ҷавобгар мебошанд.

175. Дар санад фактҳои ошкоргардида бояд воқеӣ, возеҳ ва дуруст дарҷ карда шаванд. Ба санад илова намудани санҷиши ҳаргуна навъи ҳуҷҷатҳои тасдиқнашаванда, тахмин ва маълумотҳо дар бораи фаъолияти андозсупорандаи санҷишшаванда манъ аст.

176. Бо мақсади таъмини дурустӣ санади санҷишӣ бояд танҳо он фактҳои ҳуқуқвайронкуниро қонунгузориро дошта бошад, ки дар вақти лозима ҳамчун далелҳои ҷамънамудаи санҷишгарон тасдиқ карда шаванд.

177. Бо мақсади бо таври возеҳ ифода намудан, санҷишгар вазифадор аст санади санҷишро содда, фаҳмо ва бомантиқ тартиб диҳад. Истилоҳҳои ғайримаъмул ва кутоҳкуниҳои номаълум бояд шарҳ дода шаванд.

178. Ҳангоми тартиб додани санади санҷишӣ тавсифи ҳолатҳои мушаххаси ҳуқуқвайронкунии аз ҷониби андозсупоранда содир гардида, ки барои чунин ҳуқуқвайронкунӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ гардидааст, ҳатмӣ мебошанд. Дар ин вақт дар санад фактҳои вайронгардидаи талаботи қонунгузорӣ, ки барои онҳо бо сабаби гузаштани мӯҳлатҳои ба ҷавобгарӣ ҷалб намудан, инчунин фактҳои муқарраркардашудаи аз ҷониби агенти андоз наситонидани андози даромад аз маблағҳои пардохтшудаи онҳо ҳамчун даромад, андоз аз онҳое, ки имконияти ситониданашон набуд ҷавобгарӣ татбиқ карда намешаванд, инъикос карда мешаванд.

179. Дар санадҳо танҳо фактҳои ҳуқуқвайронкунӣ бо нишондоди банд ва моддаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки вайрон карда шуда буданд, ифода карда мешаванд. Ҳангоми дар ҷараёни санҷиш пайдо шудани масъалаҳое, ки барои муайян намудани объектҳои андозбандӣ алоқаманд, ва дигар масъалаҳое, ки бояд шарҳ дода шаванд, аз он ҷумла масъалаҳои методологӣ аз тарафи маъмурияти мақомоти андози дигар давлатҳо, вазоратҳо ва дигар мақомотҳои давлатии идоракунӣ, ки барои ин вазифадор шудаанд дар ин вақт дар санади санҷиши сабт оид ба муроҷиат ба вазоратҳо ва дигар мақомотҳои давлатӣ барои тавзеҳотҳои дахлдор гузошта мешавад.

180. Баъд аз гирифтани тавзеҳоти хаттӣ оид ба масъалаи пайдогардида, ки тибқи он шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ ба ҳуқуқваронкунӣ роҳ дода бошад ва ҳолатҳои ҳуқуқваронкуниҳои содиршуда дар санад ифода ёфтаанд ба он илова тартиб дода шуда, дар қарори қабулшуда тағйирот (илова) ворид карда мешавад.

181. Агар дар санади санҷиши ҳолатҳо ва фактҳои ҳуқуқвайронкуниҳои содиршуда нишон дода нашуда бошанд санҷиши иловагӣ таъин карда мешавад.

182. Фактҳои ҳукуқвайронкуниҳои ошкоргардида, ки дар санади санҷиши ифода ёфтаанд бояд бо далелҳо тасдиқ карда шаванд. Далелҳо бояд кифоя ва

алоқаманд ба фактҳои дар санад ифода ёфта бошанд. Далелҳо метавонад физикӣ, ҳуҷҷатӣ, шоҳидӣ ва аналитикӣ бошанд.

183. Далелҳои физикӣ дар вақти аз ҷониби санҷишгарон муоинаи биноҳои истеҳсолӣ ва дигар биноҳо, истифодабарии дигар усулҳои ҳақиқии санҷиш, инчунин аз ҷониби мақомоти андоз дар ҷараёни санҷиш иҷро намудани амалҳои алоҳида гирифта мешаванд. Чунин далелҳо метавонанд бо санади муоина, суратҳо, нақшҳо, диаграммаҳо, харитаҳо, сабтҳои видеоӣ ё овозӣ дар ҳомилҳои электронӣ пешниҳод шаванд.

184. Далелҳои ҳуҷҷатӣ ё бо истинод ба ҳуҷҷатҳои аниқи баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои бо андозбандии андозсупоранда алоқаманд ё дар натиҷаи бо тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур аз баҳисобгирии андозсупоранда то анҷоми санҷиш гирифтани замимаи онҳо (нусха) ба санади санҷишӣ вобаста мебошанд.

185. Далелҳои шаҳидӣ-баёноти шоҳид метавонад бо роҳи пурсиш, сӯҳбат ё бо гузаронидани саволномаҳо гирифта шаванд. Саволномаҳо, ки аз ҷониби шахсоне, ки вобаста ба андозсупоранда маълумот дошта пур карда мешаванд. Навишатаҷотҳои хизматии аз ҷониби санҷишгарон дар бораи сӯҳбатҳои гузаронидашуда, замима карда мешаванд.

186. Далелҳои аналитикӣ ҳисоботҳо, муқосиаи маълумотҳо доир ба андозсупоранда шуда метавонанд.

187. Натиҷаҳои санҷиш доир ба нишондиҳандаҳои молиявӣ ва дигар нишондиҳандаҳо, ки дар қисми матнии санад инъикос шудаанд барои муқоисаи маълумотҳои аз ҷониби андозсупоранда пешниҳодшуда доир ба ин нишондиҳандаҳо бо маълумотҳое, ки дар ҷараёни санҷиш ва баровардани радкуниҳо (саркашиҳо) муқаррар карда шудаанд, дар ҷадвалҳои дахлдор ба замимаи санад дохил карда мешаванд.

188. Санад бояд чун қоида тариқи чопи мошинка ё бо истифода аз таҷҳизотҳои чопкунанда омода карда мешавад. Новобаста аз тарзи омода намудани санад шумораи матни чопшуда ва тартиби ҷадвалҳои шарҳдиҳанда бояд ба талаботи грамматикӣ ва услубӣ ҷавобгӯй бошанд.

189. Дар ҳолатҳое, ки агар ҳуқуқвайронкунии ошкоргардида метавонад пинҳон карда шавад ё бо фактҳои ошкоршуда зарур аст доир ба бартараф намудани онҳо ва ба ҷавобгари ҷалб намудани шахсоне, ки бо амалӣ (беамалӣ) онҳо сабаби вайронкунии талаботи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон гардидааст чораҳои таъхирнопазир қабул карда шавад, то хотима ёфтани санҷиш оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардида санади алоҳидаи фосилавӣ тартиб дода мешавад. Санади фосилавӣ аз ҷониби санҷишгарон ва шахсони зерин имзо карда мешавад:

а) аз ҷониби роҳбари андозсупоранда (воҳиди махсуси андозсупоранда), ҳангоми мавҷуд набудани ӯ – намояндаи андозсупоранда (воҳиди махсуси ӯ) ё аз

ҷониби андозсупоранда – шахси воқеӣ, ҳангоми мавҷуд набудани ӯ – намояндаи андозсупоранда – шахси воқеӣ;

б) аз ҷониби шахсе, ки вазифаҳои сармуҳосиби (муҳосиби калон бо ҳуқуқи сармуҳосиби) андозсупоранда (воҳиди махсуси ӯ) ё соҳибкори инфиродӣ.

в) ҳангоми зарурият аз ҷониби дигар иштирокчиёни санҷиш.

190. Дар ҳолати аз имзо саркашӣ намудани шахсони дар сархатҳои якум ва дуюми банди 189 зикргардида дар он қайди дахлдор гузошта мешавад. Дар ин вақт аз ҷониби шахсони аз гузоштани имзо саркашӣ намуда сабабҳои саркаши намудан муайян карда мешавад.

191. Як нусхаи санад бо тартиби муқарраргардидаи Дастурамали мазкур ба андозсупоранда дода мешавад. Фактҳои дар санади фосилавӣ ифодашуда ба санади умумӣ (ҷамъбастӣ) дохил карда мешаванд.

192. Дар қисми хотимавии санади санҷишии охирин (ниҳоӣ) талабот бо назардошти талаботи дар санади санҷишии фосилавӣ баровардашуда (аз он ҷумла бо роҳи бекор кардани талаботи бо санади санҷишиии фосилавӣ баровардашуда) бароварда мешавад.

193. Вобаста ба намудҳои алоҳидаи андоз якҷоя ба санади санҷиши ҷадвалҳои муқоисавӣ тартиб дода мешавад (Замимаҳои 9-19).

194. Дар ҳолати ошкор намудани хуқуквайронкунӣ доир ба масъалаҳое, ки назорати онҳо ба мақомоти андоз вогузор шудааст ва барои тартиб додани протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахсони мансабдори дигар мақомотҳои назоратӣ ваколатдор шудаанд, ҳуқуқвайронкуниҳои нишондодашуда дар санади санҷиши алоҳида инъикос карда шуда дар ду нусха тартиб дода мешаванд ва нусхаи дуюми он ба андозсупоранда дода мешавад.

195. Ҳангоми ошкор карда шудани ҳуқуқвайронкунии маъмури дар соҳаи қонунгузории андоз, содир гардидани кирдорҳое, ки дар боби 33 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

196. Ҳангоми дар рафти санҷиши андоз муайян намудани далелҳое, ки дорои аломатҳои ҷиноятҳои вобаста бо саркашӣ аз пардохти ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет мебошанд, маводҳо аз рӯи натиҷаҳои чунин санҷишҳои андоз дар давоми 10-рӯзи кории баъди қабул намудани қарор тибқи санади санҷиши андоз барои андешидани чораҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти дохлдори ҳифзи ҳуқуқ фиристода мешаванд.

197. Дар сурати гузаронидани санҷишҳои андоз бо ташаббуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маълумотҳо оид ба натиҷаҳои санҷишҳои андоз ба мақомоте, ки онҳоро ташаббус кардаанд, супурда мешаванд.

198. Супурдани маводи санҷиши андоз ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо тартиби зайл сурат мегирад: ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар сурати илова ҳисоб намудани

пардохтани маблағҳои андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет дар ҳаҷми калон ё махсусан калон ва дар сурати вуҷуд доштани дигар аломатҳои ҷинояти вобаста ба саркашӣ аз пардохти андоз бояд нусхаҳои ҳуҷҷатҳои зерин супурда шаванд:

а) амрнома барои гузаронидани санҷиши андоз;

б) огоҳнома (қарор) тибқи санади санҷиши андоз;

в) санади санҷиши андози аз ҷониби шахсони мансабдори санҷигузаронидаи мақомоти андо ва андозсупорандае, ки ҳуқуқвайронкунии ӯ ошкор гардидааст, имзо карда шудааст;

г) эъломияҳои андоз, ҳисобнома-фактураҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои андозсупоранда, ки аз ҳуқуқвайронкунӣ гувоҳӣ медиҳанд;

д) баёноти шахсони (шахси) мансабдоре, ки бо гуноҳи онҳо ба ҳуқуқвайронкунии қонунгузории андозроҳ дода шудааст, ки таҳти аломатҳои ҷиноят қарор мегиранд; ҳуҷҷатҳое, ки шахсони мансабдори андозсупорандаи санҷидашуда барои тасдиқи бегуноҳии худ пешниҳод кардаанд;

е) маводи санҷишҳои мутақобила, ки ҳуқуқвайронкуниҳои дар санади санҷиши андоз инъикосгардидаро тасдиқ мекунанд;

ё) дигар маводе, ки аз саркашӣ намудан аз пардохти андозҳо, дигар пардохтҳо ё амалҳои дигари ғайриқонунии андозсупоранда ё шахсони мансабдор гувоҳӣ медиҳанд.

199. Дар сурати гузаронидани санҷиши андоз бо ташаббуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва вуҷуд надоштани ҳисобкунии иловагии маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет нусхаи санади санҷиши андоз нисбати андозсупорандаи санҷидашуда фиристода мешавад.

200. Дар сурати гузаронидани санҷиши андоз бо ташаббуси як мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ошкор гардидани далели ҷиноите, ки дар доираи салоҳияти дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор дорад, нусхаҳои маводҳои чунин санҷиш ба ҳарду мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристода мешаванд.

201. Шикоят намудан аз болои қарорҳо, санадҳои санҷишии мақомоти андоз, амал беамалии кормандони онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи боби 14 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ карда мешавад.

## ФАСЛИ 3. САНҶИШИ АМАЛИЁТӢ

## БОБИ 1. ВАЗИФАҲОИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ДАР РАФТИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ АМАЛИЁТӢ

202. Вазифаҳои мақомоти андоз дар рафти гузаронидани санчиши амалиётӣ, аз инҳо иборат аст:

а) назорати риояи қонунгузории андоз аз тарафи андозсупорандагон;

б) назорати риояи тартиби муқарраргардидаи қабули воситаҳои пулии нақдӣ, қоидаҳои истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ;

в) риоя намудани қоидаҳои рехтан (печондан), гузоштани тамғаҳои аксизӣ, нигоҳдорӣ, фурӯши молҳои зераксизӣ ва амалӣ кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти зераксизӣ;

г) назорати пардохти саривақтӣ ва пурраи маблағи андозҳо;

д) ошкорсозии шахсоне, ки фаъолияташонро бидуни бақайдгирии давлатӣ ва гузоштан ба баҳисобгирии бақайдгирӣ дар мақомоти андоз ба роҳ мондаанд;

е) назорати гардиши ашёи хом (маводҳо), маҳсулот ва молҳо дар макоми истеҳсолот ва анборҳо, инчунин дар ҷойҳои фурӯши махсулот (молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) бо роҳи гузаронидани баҳисобгирии (инвентаризатсия) пурра ва ё ҷузъӣ, бо мақсади дастрас намудани оид ба гузаронидани санҷишҳои андоз;

ё) баҳисобгирии пурраи даромадҳое, ки андозсупорандагон ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасони) ба даст меоранд;

ж) тартиб додани санадҳои назорати камералӣ дар ҳолати ошкор гардидани талаботи қонунгузории андоз.

203. То оғози санҷиши амалиётӣ, ба санҷишгарон (корманди мақомоти андоз, ки барои гузаронидани санҷиши андоз ваколатдор шудаанд) дастурҳо дода шуда, роҳбар ва ҳайати гурӯҳ, самти фаъолият, объектҳои санҷидашаванда, вақти гузаронидани санҷиши амалиётӣ муайян карда мешавад. Дар мавридҳои зарурӣ иштироки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти дахлдор таъмин карда мешавад.

204. Дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ, ба истисноии ҳолатҳое, ки соҳибкори инфиродӣ бе ҷалб намудани коргари кироя кор мекунад ва иштироки ӯ дар ҷараёни санҷиши амалиётӣ ҳатмӣ мебошад, набояд фаъолияти андозсупорандаро боз дошта шавад.

205. Гузаронидани санҷиши амалиёӣ дар асоси амрнома оид ба гузаронидани санҷиши амалиётии андоз, ки аз ҷониби роҳбари мақомоти андоз тасдиқ карда мешавад, (минбаъд дар ҳамин фасл- амрнома) анҷом дода мешаванд (Замимаи 20),

206. Нусхаи аслии амрнома ба роҳбари гурӯҳ супорида шуда, дар баробари шаҳодатномаи хизматӣ ба андозсупоранда, барои шиносоӣ пешниҳод карда мешавад. Андозсупоранда метавонад нусхаи амрномаро талаб намояд.

207. Дар амрнома аз ҷониби андозсупоранда оид ба шинос шудан ва (ё) гирифтани нусхаи амрнома, имзо бо нишон додани сана ва вақти гирифтани он гузошта мешавад.

208. Рад кардани гирифтани амрнома аз ҷониби андозсупоранда барои нагузаронидани санҷиши амалиётӣ асос шуда наметавонад.

## БОБИ 2. АМАЛҲОИ САНҶИШГАРОН ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ АМАЛИЁТӢ

209. Санҷиши амалиётӣ аз ҷониби санҷишгарон аз мушоҳидаи объекти барои санҷиш пешбинишуда, бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ ва амрнома ба андозсупоранда, шурӯъ гардида, одатан дар нуқтаи фаъолият гузаронида мешаванд. Санҷишгарон ба Дафтари бақайдгирии санҷишҳои субъектҳои хочагидорӣ, ки тибқи тартиби муқараргардида пешбурди он ба зиммаи андозсупорандагон гузошта шудааст, маълумоти зарурӣ сабт намуда, имзои худро мегузоранд.

210. Агар андозсупоранда ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият надошта аз тарафи онҳо ҳукуквайронкунӣ дар соҳаи қонунгузории андоз содир гардида бошад, андозсупоранда бояд ба бинои наздиктарини мақомоти андоз ҷиҳати муқаррар кардани шахсият ва ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳои дахлдори санҷишӣ даъват карда шаванд.

211. Дар сурати саркашӣ намудан аз ҳозир шудан ба мақомоти андоз, барои ичро накардани талаботи шахси мансабдори мақомоти андоз чораҳои чавобгарии маъмурӣ татбиқ карда мешавад.

212. Дар рафти санҷиши амалиётӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд:

а) шахсияти андозсупоранда;

б) мавҷуд будани шаҳодатномаи соҳибкорӣ, шартномаҳои меҳнатӣ ва иҷозатномаи махсус (литсензия) ҷиҳати амалисозии намуди мазкури фаъолият;

в) риояи қоидаҳои истифодабарии мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, системаи компютерии дорои хотираи фискалӣ ва бо додани чеки назоратӣ, дар қисми хизматрасониҳо ба аҳолӣ бо додани расидҳо (квитансияҳо), чиптаҳо, талонҳо, тамғаҳои пардохти почтавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба чекҳо баробаркардашудаи ҳисоботи қатъӣ тибқи шаклҳои тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Дафтари сабти қайди маблағҳои пулии нақд ва Дафтари сабти расидҳо (квитансияҳо) ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳисоботи қатъие, ки шаклҳои онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад дуруст қайд намудани маълумоти дахлдор;

г) мутобиқати номгӯй, нархнома ва бақияи мол бо маълумоти борхатҳои молию нақлиётӣ, ҳуҷҷатҳои дигар;

д) мутобиқати маблағи пули нақд аз фурӯши мол (ичрои кор ва хизматрасониҳо) бо нишондоди мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ;

е) мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохти маблағи андозҳо;

ё) масъалаҳои дигаре, ки ба салоҳияти мақомоти андоз таалуқ доранд.

213. Дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ санҷишгарон метавонанд тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба истифода набурдани мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ аз

ҷониби андозсупорандагон хариди назоратӣ гузаронанд. Хариди назоратӣ бо риояи талаботҳои Тартиби гузаронидани хариди назоратӣ, ки аз чониби мақомоти андоз муқаррар карда мешавад, гузаронида мешавад.

214. Хариди назоратӣ аз ҷониби санчишгарон дар рафти санҷишҳо танҳо барои назорати истифодабарии мошинҳои назоратӣ–хазинавии дорои хотираи фискалӣ, системаҳои компютерии дорои хотираи фискалӣ ва ба мизоҷон додани чипта анҷом дода мешавад, ки мақсади гузаронидани хариди назоратӣ ин муқаррар намудани андозсупорандагони бемасъулият дар самти риояи талаботи қонунгузории андоз мебошад.

215. Дар ҷараёни санҷиши амалиётӣ тибқи тартиби муайяннамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷишгар ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳо ва дигар воситаҳои нигоҳдорандаи маълумоти андозсупорандаро (агенти андозро), ки аз содир гардидани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гувоҳӣ медиҳанд, дар ҳолати вуҷуд доштани имконияти нобуд сохтан, пинҳон намудан, тағйир додан ё иваз намудани ҳуҷҷатҳо, муваққатан гирифта санад тартиб диҳад (Замимаи 21).

216. Агар дар рафти санҷиши амалиётӣ шахсони мавриди санҷиш қароргирифта барои гузаронидани санҷиш монеъ шаванд (кушодани сейфҳо ва ё биноҳои ёрирасонро рад намоянд ва ё дигар амалҳо) ё ин, ки дар ҳолати қасдан аз санҷишгарон пинҳон шаванд (дар ҷойҳои амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ, аз он ҷумла фурӯши маҳсулот, молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо ва ҳоказо), сейфҳо ва (ё) биноҳои ёрирасон аз ҷониби санҷишгарон барои таъин кардани баҳисобгирӣ (инвентаризатсия) ва санчиши минбаъда пешниҳод ва мӯҳрбандӣ карда мешаванд.

## БОБИ 3. ДАВРА, МӮҲЛАТ ВА ОБЪЕКТИ САНҶИШИ АМАЛИЁТӢ

217. Санҷиши амалиётӣ метавонанд дар асоси нақшавӣ ва ғайринақшавӣ анҷом дода шаванд.

218. Санчиши амалиётӣ дар объекти муайяншуда на зиёда аз як маротиба дар 6 моҳ гузаронида мешаванд.

219. Объектҳое, ки тахти санҷиши амалиётӣ бояд қарор дода шаванд, барои пеш аз мӯҳлат гузаронидани санҷиши амалиётӣ, бо иҷозати хаттии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъд аз гузориши хаттӣ ва пешниҳоди асосҳо аз чониби мақомоти андозе, ки пеш аз мӯҳлат гузаронидани санчиши амалиётиро мувофиқ мешуморад, муайян карда мешаванд. (дар гузориши хаттӣ, сабабҳо ва зарурияти гузаронидани санҷишҳои пеш аз мӯҳлат, қайд карда мешаванд).

220. Санҷиши амалиёти бо истифода аз рӯи нақшаи воҳидҳои марзиву маъмурӣ бо нишон додани нуктаҳои фаъолият, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз тартиб дода мешавад, амалӣ карда мешавад .

221. Санҷиши амалиётӣ нисбат ба андозсупорандаи алоҳида набояд аз чор соати корӣ зиёд давом кунад.

222. Санҷиши амалиётӣ танҳо дар вақти корӣ ва рӯзҳои кории муқарраршуда гузаронида мешаванд. Агар вақти кории мақомоти андоз ба вақти кории андозсупорандагон мувофиқ набошад, санҷиши амалиётӣ метавонанд дар вақти кории андозсупорандагон гузаронида шавад. Дар ин ҳолат санҷиши амалиётӣ мутобиқи низоми кории андозсупорандагон новобаста аз вақти шабонарӯзӣ гузаронида мешаванд.

223. Санҷиши амалиётӣ метавонанд дар як вақт дар тамоми нуқтаҳои савдо, биноҳои истеҳсолӣ ва анборҳо, ки ба як андозсупоранда тааллуқ доранд, аз ҷумла онҳое, ки дар ҳудуди минтақаҳои маъмурии гуногун ҷойгир шудаанд, гузаронида шаванд. Ҳамзамон дар маҳале, ки барои гузаронидани санҷиши амалиётӣ таъин гардидааст, санҷишгарон ҳуқуқ доранд фаъолияти андозсупорандагонро, новобаста аз ҷои баҳисобгирии бақайдгирии онҳо дар мақомоти андоз мавриди санҷиш қарор диҳанд.

224. Санҷиши амалиётӣ метавонанд дар ҳудуди як минтақаи маъмурӣ дар гурӯҳи нуқтаҳои савдо ё ин ки вобаста ба нуқтаҳои савдое, ки як намуди фаъолиятро дар бар мегиранд (фурӯши маҳсулоти меваю сабзавот, маҳсулоти гулпарварӣ, паҳнгардонии лоторея ва ҳоказо) гузаронида шаванд.

## БОБИ 4. БА ОХИР РАСИДАНИ САНҶИШИ АМАЛИЁТӢ ВА БАРРАСИИ МАВОДҲО

225. Баъди ба охир расидани санҷиши амалиётӣ санҷишгарон санад тартиб медиҳанд (замимаи 22).

226. Аз рӯи натиҷаҳои санҷиши амалиётӣ, ки дар рафти он вайронкунии тартиби пардохти андозҳои муқарраршуда ошкор карда нашудааст, маълумотнома тартиб дода мешавад (замимаи 23). Нусхаи маълумотномаи ҷамъбастии санҷиши амалиётӣ ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии бақайдгирии андозсупорандагон бинобар илова намудан ба парвандаи ҳуқуқии андозсупорандагон дар мӯҳлати 5 рӯз аз лаҳзаи гузаронидани санҷиш, ирсол карда мешавад.

227. Дар мавриди зарурӣ, гузаронидани баҳисобгирии (инвентаризатсияи) бақияи арзишҳои молию моддӣ, воситаҳои пулӣ бо таҳияи санадҳои дахлдори шакли муқаррагрдида таъин карда мешавад.

228. Андозсупорандагоне, ки дар давраи санҷиши амалиётӣ бо талаби санҷишгарон ҳуҷҷатҳои барои муайян намудани объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд зарурро пешниҳод накардаанд, ӯҳдадоранд сабабҳои пешниҳод накардани ин ҳуҷҷатҳоро ба таври хаттӣ шарҳ диҳанд.

229. Ба санад оид ба натиҷаи санҷиши амалиётӣ нусхаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ҳисобҳои анҷомдодаи санҷишгарон ва дигар маводи дар рафти санҷиши амалиётӣ гирифташуда замима мегарданд.

230. Дар санад оид ба натиҷаи санҷиши амалиётӣ бинобар ошкор намудани қонунвайронкуниҳо тартиб дода шуда, дар он санҷишгарон ва дар баъзе ҳолатҳо андозсупоранда дар хусуси гирифтани нусхаи дигари санади мазкур имзо мегузоранд. Имзои андозсупорандагон маънои онро надорад, ки онҳо бо санад оид ба натиҷаи санҷиши амалиётӣ розиянд ва инчунин, ҳуқуқи андозсупорандагонро барои шикоят кардан аз болои қарорҳо ва амалҳои (беамалии) ин санҷишгарон маҳдуд намекунад. Дар ҳолати даст кашидани андозсупорандагон ё кормандони онҳо аз қабул ва (ё) имзои санад оид ба натиҷаи санҷиши амалиётӣ, дар ин хусус дар худи санади мазкур қайд карда мешаванд.

231. Ба мақомоти андоз аз рӯи маҳали баҳисобгирии бақайдгирии андозсупорандагон нусхаи санад оид ба натиҷаи санҷиши амалиётӣ, маводҳо оиди татбиқи чораҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки аз рӯи натиҷаҳои баррасии санади мазкур бароварда шудааст, ирсол карда мешаванд. Маводҳои номбаршуда дар мӯҳлати 3 рӯзи корӣ аз санаи қабули қарор дар бораи татбиқи муҷозот ирсол карда мешаванд.

232. Ҳангоми ғайриимкон будани татбиқи муҷозот ва ё ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахсони ҳуқуқвайронкунанда, санад оид ба натиҷаи санҷиши амалиётӣ, протоколҳо дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тавассути почта бо хати супоришӣ на дертар аз 3 рӯзи корӣ аз санаи таҳияи санади мазкур, барои татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ ба худи ҳамон мақомоти андоз ирсол карда мешаванд, ки андозсупорандагон дар он ба баҳисобгирии бақайдгирӣ гузошта шудаанд ва ё маҳали истиқоматии шахсони воқеӣ мебошанд.

233. Дар бораи қабули қарор пас аз баррасии санад оид ба натиҷаи санҷиши амалиётӣ, татбиқи муҷозот ва чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ ба мақомоти андоз, ки санади мазкурро тартиб додааст, дар мӯҳлати 5 рӯз аз лаҳзаи қабули қарор хабар дода мешавад.

Замим аи 1
Ба Дастурамал оид ба
Гузарондани санҷишҳои андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ОГОҲИНОМА**
**оид ба гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатии андоз**

«___»____________ соли 20___ №_________

Мутобиқи___________________________________________
*(асос барои гузаронидани санҷиш)*
ман,_______________________________________________________
*(вазифа, насаб ва номи роҳбари мақомоти андоз, ки огоҳ мекунад)*
_______________________________________________________

**ОГОҲ мекунам**,

ки дар_____________________________ (РМА _____________)
*(номгӯи андозсупоранда)*
аз «___» ___________ то «___» _________ соли 20__ барои давраи фаъолияти__________________________санҷиши ____________________

*(давраи санҷиш)* *(намуди санҷиш)*

гузаронида мешавад.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор менамояд, ки оғози санҷиш рӯзи муқаррарнамудаи амрнома ба ҳисоб меравад.

**Роҳбари мақомоти андоз** ______________ __________________

(имзо) (ном ва насаб)

ҷ.м.

Огоҳиномаро «____»_________ соли 20___ гирифтам: _____

*Замимаи 2*
*Ба Дастурамал оид ба*
*гузарондани санҷишҳои андоз*

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**АМРНОМА**

**оид ба таъин намудани санҷиши ҳуҷҷатии андоз**

«___»___________ соли 20___ №________

Мутобиқи_________________________________________

*(асос барои гузаронидани санҷиш)*

ман,____________________________________________________________

*(вазифа, насаб ва номи роҳбари мақомоти андоз, ки амр медиҳад)*

_________________________________________________________

**Амр медиҳам**,

ки___________________________________________________________________________

____________________________________________________________,

*(вазифа ва номи пурраи санҷишгар)*

Шаҳодатномаи хизматӣ № __________, дар________________

*(номи андозсупоранда)*

(РМА ____________) _________________________________

*(намуди санҷиш)*

санҷиш барои
давраи фаъолияти ____________________________ гузаронад.
*(давраи санҷиш)*

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадор менамояд, ки оғози санҷиш рӯзи муқарранамудаи амрнома ба ҳисоб меравад.

Мӯҳлати санҷиш _____ рӯз, аз «___» ______________ то «___» ______________ соли 20___ муқаррар карда шавад.

**Сардори мақомоти андоз** ___________________ ___________________________
(имзо) (насаб ном)
Ҷ.М.

Эзоҳ**:** Амрнома дар ду нусха тартиб дода шуда, ки яке аз онҳо ба андозсупоранда супорида мешавад. Дар нусхаи дуюми амрнома андозсупоранда оид ба гирифтани нусхаи он имзо мегузорад

Амрномаро «____»_______соли 20___ гирифтам: ________

Замимаи 3
Ба Дастурамал оид ба гузарондани
санҷишҳои андоз

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
_____________________________________________________________________
*(мақомоти андозе, ки протоколи монеъшавиро тартиб медиҳад)*

# П Р О Т О К О Л И
## монеъшавӣ

________________________________ "__"___________соли 20__
*(ҷои тартиб додани протокол - шаҳр, ноҳия)* *(санаи тартиб додани протокол)*

Аз тарафи (корманди мақомоти андоз, ки санҷиши андозро мегузаронад):
______________________________________________________________________________________
_____________________________________________________________________________________,
*(насабу ном, номи падар, мансаб ва қайд оиди роҳбари гурӯҳ ё аъзои гурӯҳ дар алоҳидагӣ)*

дар асоси амрномаи ___________________________________________________
*(насабу ном, номи падар ва мансаби роҳбари мақомоти андозе, ки амр додааст)*

таҳти №___ аз "__"__________соли 20__ , дар рафти санҷиши андоз дар фаъолияти андозсупорандаи _________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________________
*(номгӯи пурраи объекте, ки дар онҷо санҷиш гузаронида мешавад РМА/РЯМ ва ҳоказо)*

воқеъ дар ___________________________________________________________ маълум шуд, ки

*(сурога - рақами кӯча, ноҳия, шаҳр)*

андозсупоранда ______________________________________________________________

_____________________________________________________________________________

*(насабу ном, номи падари андозсупорандаи монеъшуда ё корманди вай (вазифаи корманд), санаи таваллуд, самти фаъолият, ҷои истиқомат, РМА/РЯМ ва дигар маълумотҳо)*

_______________________________________________________ барои ворид шудан ба ҳудуди

__________________________________________________________ монеъ шуд, ки дар ин хусус

*(объекти андозбандӣ ё объекти ба андозбандӣ алоқаманд ё ба дигар биноҳо)*

мутобиқи муқаррароти қисми 2 ва 3 моддаи 34 Кодекси андоз протоколи монеъшавӣ дар ду нусха тартиб дода шуд.

- ___________________ _____ ___________________

*(мансаби санҷишгар) (имзо) (насабу ном)*

___________________ _____ ___________________

*(мансаби санҷишгар) (имзо) (насабу ном)*

___________________ _____ ___________________

*(мансаби санҷишгар) (имзо) (насабу ном)*

____________________________________ _____ ___________________

*(қайди андозсупоранда ё намояндаи вай оиди шинос шудан ва гирифтани нусхаи протокол) (имзо) (насабу ном)*

____________________________ _____ ___________________

*(дигар шахсони ҳузурдошта) (имзо) (насабу ном)*

- ___________________ _____ ___________________

*(дигар шахсони ҳузурдошта) (имзо) (насабу ном)*

**Эзоҳ:** Агар адозсупоранда ё намояндаи вай аз имзо кардан даст кашад, аз тарафи санҷишгарон оид ба даст кашидан аз имзо дар протоколи монеъшавӣ кайд карда мешавад:

Дигар маълумотҳои дар Намунаи протоколи монеъшавии мазкур дарҷ нагардидаро, ки санҷишгарон қайд кардани онҳоро зарур мешуморанд, дар санади санҷишҳо ҷойгир менамоянд.

Замимаи 4
Ба Дастурамал оид ба
гузарондани санҷишҳои андоз

# САНАД
## оид ба натиҷаҳои санҷиши ҳуҷҷати андози фаъолияти андозсупоранда
## №___

___________________________________________________________
*(номи андозсупоранда)*

«_____» _____________ соли 20__ ________________________
*(маҳали тартибдиҳӣ)*

I. Дар асоси моддаҳои 28, 29, 30 ва 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби ташкил намудани санҷиши андози фаъолияти
___________________________________________________________
(истинод ба дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ)
мутобиқи амрнома
___________________________________________________________
*(мақомоти андоз, ки супориши гузаронидани санҷишро додаст)*
___________________________________________________________

*( сана ва рақами амрнома)*

________________________________________________________________

*(вазифа, номи мақомоти андоз, ном ва насаби санҷишгарон,*

________________________________________________________________

инчунин дигар шахсони ба санҷиш ҷалбшаванда (экспертҳо, мутахассисон ва ғ.) санҷиши дурустии пурра ҳисоб ва сари вақт пардохт намудани андозҳо, пардохтҳо (боҷҳо), дигар масъалаҳои ба ваколати мақомоти андоз дохилшаванда гузаронида шуд ________________________________________________

*(номи андозсупоранда, РМА)*

барои давраи ____________________________________________

*(давраҳои ҳисоботӣ, ки санҷиш дар мегирад нишон дода мешавад)*

сабт дар бораи бақайдгирии давлатии андозсупоранда дар Феҳристи ягонаи далвтии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз «__» __________ соли 20__, рақами бақайдгирӣ ______________ ‹*› дохил карда шудааст.

Дар асоси протоколи ҷаласаи умумии иштирокчиёни ташкилот аз «__»_________ соли 20____ ба ҳуҷҷатҳои муасссисон (тағйироти ҳайати муасисон (иштирокчиён), тағйироти ҳиссаҳо ва ғ.) тағйирот ва (ё) иловаҳо дохил карда шуданд. Сабт дар бораи тағйирот ва (ё) иловаҳои бақайдгирии давлатӣ ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ‹*› «__» _________ соли 20__ дохил карда шуд.

_ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _ _

‹*› Маълумот дар бораи бақайдгирии давлатии андозсупорандагон (тағйирот ва (ё) иловаҳо дар ҳуҷҷатҳои муассисии онҳо) бояд дар санад инъикос карда шавад, агар қаблан санҷиш гузаронида нашуда бошад ё дар санади қаблӣ чунин маъулмот инъикос нашуда бошад.

Муассисон инҳо мебошанд:

1. ____________________________________________ шаҳрванди Ҷумҳурии

(ном, насаб ва номи падарӣ )

Тоҷикистон, намуди ҳуҷҷат, ки шахсиятро муайян мекунад: _______________________ серия ___________ №__________, ки аз ҷониби _______________________ дода шудааст

(номи мақомот)

дар суроғаи: _______________________________________________________

_______________________________________________________ зиндагӣ мекунад

«Муассиси тоҷик» - ______% сармояи оинномавӣ.

2. ______________________ ки шахси ҳуқуқӣ мебошад мутобиқи қонунгузории

(номи муассис)

__________________________ «__»___________ соли 20__ дар ___________________

(номи давлат)

бақайдгирифташуда сертификат___________________

___________________________ ҷойгир шудааст

*дар маҳали ҷойгиршавии*

«Муассиси хориҷӣ» - % сармояи оинномавӣ.

Сармояи оинномавӣ ба андозаи ____________________ эълон шуда дар лаҳзаи санҷиш _________________ ташкил дода ва ба ҳолати «__» _________ соли 20__ бе тағйирот мондааст.

Аз ҷониби ___________________________________________________

*(номи мақомоти бақайдгирӣ)*

шаҳодатнома дар бораи ташкил намудани сармояи оинномавӣ дар асоси хулосаи аудитории №__ аз «___» _________ соли 20__ ташкилоти аудитӣ (аудитор - соҳибкори инфиродӣ) __________________ (литсензияи ҳуқуқ барои аудит №___ аз «___» _________ соли 20__ ) №__ аз «___» _________ соли 20__ дар ифодаи пулӣ (молу мулки) ба андозаи ________ дода шуд.

Аз он ҷумла:

«Муассисони тоҷик» - ____________________________

«Муассисони хориҷӣ» - ____________________________

Аз рӯи натиҷаи санҷиш ҳангоми ташкил намудани сармояи оинномавӣ ________________________________________________________________

_______________________________________________________________

________________________________________________________________________

*(далелҳои вайронкуниҳои ошкоршуда ва чораҳои дар рафти* санҷиш қабулгардида бо истинод ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, *аз он ҷумла санаде, ки ҷавобгарии чунин намуди вайронкуниро пешбинӣ менамод, ё нишон дода мешавад, ки оид ба масъалаи санҷишшаванда вайронкунӣ муқаррар карда нашуд равшан ва аниқ ифода карда мешавад)*

Маҳали ҷойгиршавӣ:

_____________________________________________________________________

*(мутобиқ будани воқеияти суроғаи ҷойгиршавии ташкилот нишон дода мешавад)*

Шакли моликият

________________________________________________________________________

________________________________________________________________________

Тобеият__________________________________________________________

________________________________________________________________________

Роҳбарии ташкилот ва баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозро иҷро намуданд:

роҳбар ____________ (аз «__»_________ соли 20__ то «__»___________ соли 20__);

сармуҳосиб (муҳосиби калон бо ҳуқуқи сармуҳосиб) ____________ (аз «__»_________ соли 20__ то «__»___________ соли 20__).

Мутобиқи Тартиби ташкил ва гузаронидани санҷиши андоз фаъолияти санади санҷишии мазкурро ӯҳдадоранд имзо кунанд:_____________________________________________________

(вазифа, ному насаби кормандон, давраи кории онҳо дар вазифаҳои ишғолнамуда)

________________________________________________________________

*(номи андозсупоранда)*

дар ________________________________ чунин суратҳисобҳо дорад

(номи бонк)

____________________ ______________________________________

*(код)*

суратҳисоби (ҳисоббаробаркунӣ, хориҷӣ) ҷорӣ (сомонӣ)
___________ - ____________ (аз «__»________ соли 20__ кушода шуда аз «__»________ соли 20__ баста шудааст).

Андозсупоранда дар қайди нозироти андози ________________________________________________________________

___________________________________ аз рӯи маълумотҳои ____________________ ___________________________________ шӯбаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи нозироти андози ноҳияи _______________________________ ва аз рӯи маълумотҳои роҳбарони ташкилотҳо, филиалҳо ва воҳидҳои махсуси дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба берун аз он _____________________________________________________.

*(чигуна ва дар куҷо ё надорад, нишон дода мешавад)*

Мутобиқи
__________________________________________________________________

*(истинод ба санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки тартиби литсензиякунониро ба танзим медарорад)*

бо мӯҳлати амал аз «__»________ соли 20__ то «__»________ соли 20__.

Санҷиши қаблии дуруст ҳисоб намудан, пурра ва сари вақт пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳо ба буҷет аз ҷониби________________________________________________________________________
_________________________________________________________________________

*(вазифа, мақомот, насаб ва номи санҷишро гузаронанда, давраи санҷиш нишон дода мешавад)*

Дар рафти санҷиши қаблӣ ба буҷет ______________ сомонӣ илова ҳисоб шудааст, ки онҳо пурра ба буҷет ворид гардидаанд (бу буҷет ворид нагардидаанд).

Аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ
_____________________________________________

(аудитор _______________ литсензияи №____ аз «__» __ соли 20__)

барои давраи «__»_________ соли 20__ то «__»________ соли 20__ санҷиш гузаронида шудааст).

Аз рӯи натиҷаҳои санҷиш хулоса
_________________________________________________________

*(санаи додан ва натиҷаи хулоса дода шудааст нишон дода мешавад)*

Санҷиши мазкур «__»________ соли 20__оғоз гардида «__»________ соли 20__ хотима ёфтааст
__________________________________________________________

*(дар сурати таътил давраҳои он нишон дода мешавад)*

Мутобиқи қонунгузорӣ дафтари бақайдгирии санҷишҳо (дар акси ҳол сабаби дар андозсупоранда набудани китоб баён карда шавад) аз ҷониби андозсупоранда бурда мешавад.

Санҷиши мазкур дар китоби санҷишҳо дохил карда шуд.

Ба санҷиш гирифтор шуданд

________________________________________________________________

________________________________________________________________

(ҳуҷҷатҳои ба санҷиш гирифторшаванда масалан: тавозун, китоби асосӣ, ҳисобҳои оид ба андозҳо, шартномаҳо, фармонҳо, иқтибосҳои бонкӣ ба замимаҳояшон, ҷамъбаст оид ба ҳисоб намудани музди меҳнат, китобҳои кассавӣ, ордерҳои кассавии даромаду хароҷот, ҳисоботҳои авансӣ, санадҳои иҷроиши кор, ҳуҷҷатҳои молӣ, эъломияҳои бори гумрукӣ, варақаҳои роҳ, китоби бақайдгирии даромад ва хароҷоти варақаҳои ҳисобташон қатъӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ ба усули интихобӣ (пурра)

Ташкил намудани баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ шароити гузаронидани санҷиши маълумотҳои дақиқ оид ба даромадҳои гирифташуда, хароҷотҳои кардашуда ва натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ хоҷагидории инъикосёфта (мавҷуд будани баҳисобгирӣ, набурдани он ё ба талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот», қонунгузории андоз мутобиқат накарди он нишрон дода мешавад. Агар дар ҷараёни санҷиш баҳисобгирӣ барқарор шуда бошад – барои кадом давра нишон дода мешавад).

II. Дар ҷараёни санҷиш муқаррар карда шуд:

Вайронкунии қонунгузории андоз.

Вайронкунӣ дар сурати гузоштан дар баҳисобгирӣ дар мақомоти андоз ________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

(далелҳои вайронкуниҳои ошкоргардида, маҳал, вақт (агар он муайян карда шуда бошад) ва хусусияти ҳуқуқвайронкунии кардашуда, бандҳои, моддаҳои санадҳои қонунгузорӣ, ки вайрон шудаанд ва (ё) ҷавобгарии муқаррарнамудани қонунгузорӣ барои ин намуди вайронкунӣ фаҳмо ва дақиқ ифода карда мешавад ё қайд гузошта мешавад «Вайронкунӣ муқаррар карда нашуд»)

Андозсупоранда дар давраи зери санҷиш қарордошта чунин андозҳоро бо сабаби набудани объекти андозбандӣ ҳисоб ва ба буҷет пардохт намекунад: ________________________________________________________________

________________________________________________________________

*(намуди андозҳо, пардохтҳо (боҷҳо) номбар карда мешавад)*

Ҳангоми мавҷуд будани саркашӣ муфассал (бо нишондоди шартномаҳои шарикони аҳд (молтаъминкунандагон, харидорон, пудратчиён ва диг.), ҳаҷмҳо, маблағҳо, ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва пардохтӣ ва диг.), ё истинод ба фаслҳои санад, ки дар онҳо моҳияти вайронкунӣ ифода ёфтааст бо тақсими солҳо ва маҳал, вақт (агар он муқаррар шуда бошад) ва хусусияти ҳуқуқвайронкунии кардашуда, бандҳои, моддаҳои санадҳои қонунгузорӣ, ки вайрон шудаанд ва (ё) ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои ин намуди вайронкунӣ ифода карда мешаванд. Дар сурати зарурӣ ба замимаҳо истинод оварда мешавад.

Ҳангоми мавҷуд набудани саркашӣ дар матни санади санҷиши доир ба мавҷуд набудани вайронкунӣ нишон дода мешавад, метавонад тартиб дода нашавад ва маблағҳои аз фурӯш инъикоснамудаи ташкилот (даромади умумӣ) дар замима ба санади санҷиши нишон дода мешавад.

Натиҷаҳои санҷиши дуруст, пурра ҳисоб намудан ва сари вақт пардохт намудани

________________________________________________

*(номи андоз (пардохт)*

Ҳангоми мавҷуд будани саркашӣ муфассал (бо нишондоди шартномаҳои шарикони аҳд (молтаъминкунандагон, харидорон, пудратчиён ва диг.), ҳаҷмҳо, маблағҳо, ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва пардохтӣ ва диг.), ё истинод ба фаслҳои санад, ки дар онҳо моҳияти вайронкунӣ ифода ёфтааст бо тақсими солҳо ва маҳал, вақт (агар он муқаррар шуда бошад) ва хусусияти ҳуқуқвайронкунии кардашуда, бандҳои, моддаҳои санадҳои қонунгузорӣ, ки вайрон шудаанд ва (ё) ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои ин намуди вайронкунӣ ифода карда мешаванд. Дар сурати зарурӣ ба замимаҳо истинод оварда мешавад.

Дар сурати мавҷуд набдани саркашӣ қайд гузошта мешавад: «Бо санҷиш муқаррар карда шуда, ҳисобкунӣ

________________________________________________

*(номи андоз (андозҳо)*

мутобиқ ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ карда шудаанд.
Вайронкунӣ муқаррар карда нашуд».

Амали намудани намуди фаъолият бе гирифтани иҷозатномаи махсус (литсензия), намуди фаъолияти манъкардашуда. Дар ҷараёни санҷиш

________________________________________________

*(далелҳои вайронкуниҳои ошкоргардида, маҳал, вақт (агар он муайян карда шуда бошад) ва хусусияти ҳуқуқвайронкунии кардашуда*

________________________________________________

________________________________________________

санадҳои қонунгузорӣ, ки талаботи онҳо вайрон шудаанд ва (ё) ҷавобгарии муқаррарнамудани қонунгузорӣ барои ин намуди вайронкунӣ фаҳмо ва дақиқ ифода карда мешавад, ки вайронкунӣ муқаррар карда нашуд:

________________________________________________

________________________________________________

Вайронкунӣ ҳангоми кушодан, инчунин мавҷуд будани суратҳисобҳо берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санҷиш

________________________________________________

________________________________________________

(далелҳои вайронкуниҳои ошкоргардида, маҳал, вақт (агар он муайян карда шуда бошад) ва хусусияти ҳуқуқвайронкунии кардашуда, санадҳои қонунгузорӣ, ки талаботи онҳовайрон

шудаанд ва (ё) ҷавобгарии муқаррарнамудани қонунгузорӣ барои ин намуди вайронкунӣ фаҳмо ва дақиқ нишон дода мешавад, ки вайронкунӣ муқаррар карда нашуд:

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Аз ҷониби супоранда (дигар шахси ӯҳдадор) амалӣ намудани фаъолият аз ном ва тибқи супориши ширкатҳои хориҷӣ.

Дар давраи санҷишшаванда аз ҷониби супоранда фаолият аз ном ва тибқи супориши ташкилотҳои хориҷӣ

____________________________________________________________

(амалӣ шудааст ё амалӣ нашудааст. Дар ҳолате, агар чунин фаъолият амалӣ шуда бошад инъикос намудани он талаб карда мешавад: оё андозсупоранда дар Вазорати корҳои хориҷӣ аккредитатсия шудааст; оё дар қайди андози мақомоти андоз ба сифати намояндагии доимии ташкилоти хориҷӣ мебошад; оё баҳисобгирии фаъолияти ташкилоти хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебарад. Пардохти пурраи даромадҳои гирифташудаи ташкилоти хориҷӣ аз амалӣ намудани фаъолият дар ҷумҳурӣ ба воситаи намояндагии доимӣ дар шахсияти андозсупорандаи санҷишшаванда бо назардошти хусусияти қонунгузорӣ дар бораи андозҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сурати андозбандии ташкилотҳои андозбандӣ муқарраргардида санҷида мешавад)

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Ҳангоми санҷидани риояи талаботи моддаи ___ Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

____________________________________________________________

(далелҳои вайронкуниҳои ошкоргардида, маҳал, вакт (агар он муайян карда шуда бошад) ва хусусияти ҳуқуқвайронкунии кардашуда, санадҳои қонунгузорӣ, ки талаботи онҳо вайрон шудаанд ва (ё) ҷавобгарии муқаррарнамудани қонунгузорӣ барои ин намуди вайронкунӣ фаҳмо ва дақиқ ифода карда мешаванд ё нишон дода мешавад, ки вайронкунӣ муқаррар карда нашуд)

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

Натиҷаҳои санҷиши риояи талаботи дигар санадҳои қонунгузорӣ, ки назорати он ба мақомоти андоз вогузор шудааст

______________________________________________________________

III. Хулоса.

Тибқи маводҳои санҷиш ба буҷет андозҳои иловагӣ ҳисоб шуданд – ҳамагӣ _______________ сомонӣ, ки аз онҳо:

| Номгуи андоз | Маблағ |
|---|---|
| | |
| ҶАМЪ | |

Аз рӯи санади санҷиш барои дар мӯҳлатҳои муқаррargардида иҷро накардани ӯҳдадориҳои андоз пеняҳо ҳисоб шуданд – ҳамагӣ __________ сомонӣ.

Аз рӯи маводҳои санҷиш андоз аз буҷет кам карда шуданд – ҳамагӣ ба маблағи ____________ сомонӣ.

Ба санади санҷиши замима карда мешаванд:

1) маълумотнома дар бораи андозҳои иловагӣ ҳисобшуда ба буҷет;

2) ҳисоби пеняҳо аз рӯи санади санҷиш;

3) ҳисоби андозҳои иловагӣ ҳисобшуда ба буҷет аз рӯи санади санҷиш;

4) баёноти шахсоне, ки амали (беамалии) онҳо ба вайронкунии қонунгузории андоз ва дигар қонунгузорӣ овардааст;

5) маълумотнома оид ба ҳолати қарзҳои дебиторӣ доир ба ҳар як қарздор;

6) маълумотномаи санҷишҳои мутақобила.

______________________________________________________________

(вазифаи санҷишгар, имзо) (ном ва насаб)

Роҳбари андозсупоранда ________________________________

*(имзо) (ном ва насаб)*

Сармуҳосиби андозсупоранда ________________________________

*(имзо) (ном ва насаб)*

Як нусхаи санадро бо тамоми замимаҳояш гирифтам.

_______________________ _____________ ____________________

*(роҳбар, сармуҳосиб) (имзо) (ном ва насаб)*

Замимаи 5
Ба Дастурамал оид ба
гузарондани санҷишҳои андоз

**ДАРХОСТИ**
**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

"__" _______________ соли 20__ . _________________________
(маҳали тартибдиҳӣ)

Мақомоти андоз ______________________ дар асоси моддаҳои 28-36 ва 69 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гузаронидани санҷиш _____________________________________________________
_______________________________________________________________
*(маҷмӯӣ,мавзӯӣ, камералӣ)*
фармон медиҳад__________________________________________
*(номи андозсупоранда)*
ба мӯҳлати то "__" __________ соли 20__. баҳисобгирии муҳосибӣ ва (андозӣ)-ро барқарор намуда ба мақомоти андози ____________________
на дертар аз соати ____ "__" ___________ соли 20__ ба утоқи № ______
шахсони мансабдор ______________________________________________
*мансаби санҷишгарон, насаб, ном, номи падари)*
_______________________________________________________________

чунин ҳуҷҷатҳо пешниҳод карда шавад:

| № т/т | | Даврае, ки барои он пешниҳод намудани |
|---|---|---|

| | Номи ҳуҷҷатҳо | ҳуҷҷатҳо талаб карда мешавад |
|---|---|---|
| 1 | Китоби асосӣ | |
| 2 | Журналҳо-ордерҳо ё ордерҳои мемориали доир ба ҳисобҳо | |
| 3 | Ведомости баҳисобгирии аналитикӣ доир ба ҳисобҳо | |
| 4 | Шартномаҳо, мактубҳо | |
| 5 | Санадҳои қабул ва супоридани иҷрои корҳо, хизматҳо | |
| 6 | Китоби кассавӣ, ҳисоботҳои авансӣ | |
| 7 | Иқтибосҳои бонкӣ оид ба суратҳобҳо ва дигар ҳисобҳо | |
| 8 | Ведемостҳо оид ба ҳисобкунии музди меҳнат, ведомостҳои ҳисоббаробаркунӣ – пардохтӣ | |
| 9 | Борхатҳои моли нақлиётӣ ва дигар борхатҳои молӣ барои қабул ва додани молу маҳсулотҳои қиматбаҳо, воситаҳои асосӣ, молҳои камарзиш ва тезхурдашаванда предметов; ҳисобнома-фактура, ваколатномаҳо барои гирифтани (қабули) молу маҳсулотҳои қиматбаҳо | |
| 10 | Журнали баҳисобгирии варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ | |
| 11 | Санадҳо барои аз ҳисоб баровардани молу маҳсулоти қиматбаҳо, молҳои камарзиш ва тезхурдашаванда | |
| 12 | Эъломияҳои гумрукии борҳо, ҳуҷҷатҳои муомилот | |
| 13 | Ҳисобҳои хароҷоти сафари хизматӣ, ҳисоботҳо бо шахсони ҳисоботдеҳ | |
| 14 | Литсензия, замимаҳо ба литсеня, ҳуҷҷатҳои оинномавӣ | |
| 15 | Китобҳои баҳисобгирии анбор | |
| 16 | Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқ ба имтиёзҳои андозӣ | |
| 17 | Дигар мукотиба | |
| 18 | Дигар ҳуҷҷатҳои лозима нишон дода шавад | |

Дар ҳолати пешниҳод накардани, сари вақт пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои зикргардида мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои ҷавобгарӣ татбиқ карда мешаванд.

Сардори (муовини сардори)

Мақомоти андоз ________________ ____________________

(имзо) (ному насаб)

Ҷ.М.

Нусхаи дуюми фармонро гирифтам, доир ба ҷавобгарӣ барои иҷро накардани талаботи мақомоти андоз огоҳ гардидам.

_______________________________________________________

*(насаб, ном, номи падари намояндаи андозсупоранда) (имзо)*

Замимаи 6
Ба Дастурамал оид ба гузарондани
санҷишҳои андоз

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

**(ОГОҲИНОМА)**

**оид ба натиҷаҳои санҷиши ҳуҷҷатии андоз**

«____»________________ соли 20___ №_____

Ман, ____________________________________________________________

(мансаб, насаб ва номи роҳбари мақомоти андоз, ки қарор мекунад)

_____________________________________________________________________

Қарор мекунам, ки бо натиҷаи санҷиши андозсупоранда:

____________ ______________________ ____________________

(РМА) (ному насаб) (санаи санади санҷиш)

Барои пардохт чунин андозҳо ҳисоб шудаанд:

| № № | Намуди андоз | Маблағи андоз | Ҷарима | Фоиз | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | **Ҳамагӣ** | | | | |

**Андозсупоранда** мутобиқи моддаи 81 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад аз болои қарори мазкур дар муддати 30 рӯзи тақвимӣ баъд аз гирифтани он шикоят намояд.

Маблаѓи ошкоршуда _____________ сомонӣ ба суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ тахти №20204972111010001, суратҳисоби ҳисоббаробаркунӣ №22402972000002, КИБ 350101800, РМА 010010058 дар Сарраёсати Хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бонки миллии Тоҷкистон гузаронида шавад.
Маблаѓҳои ҳисобшуда дар муддати 10 рӯз бо коди 65 пардохт карда шаванд.

Сардори мақомоти андоз _________ __________
*(имзо)* *(насаб ном)*
Ҷ.М.

Нусхаи қарорро гирифтам
Андозсупоранда:
______________________________ __________________
*(РМА)* *(ному насаб)* *(имзои андозсупоранда)* *(санаи гирифтан)*

Замимаи 7
Ба Дастурамал оид ба
гузарондани санҷишҳои андоз

**САНАДИ**
**Санҷиши мавҷуд будани воситаҳои пулӣ ва дигар молҳои қиматбаҳо дар хазина (бинои хазина) ва (ё) дар шахси ҳисоботдех**

«__» ____________ соли 20__ . _____________________
*(маҳали тартибдиҳӣ)*
дар суроғаи: ________________________________________ мавҷудбуда

ЗАБОНХАТ

Ба аввали гузаронидани санҷиши мавҷуд будани воситаҳои пулӣ ва молҳои қиматбаҳо ҳамаи ҳуҷҷатҳои хароҷотҳо ва даромадҳо барои воитаҳои пулӣ ва молҳои қиматбаҳо ба муҳосибот супурда шудаанд ва ҳамаи воситаҳои пулӣ ва молҳои қиматбаҳо, ки ба ҷавобгарии ман ворид шудаанд даромад карда шудаанд ва баромадҳо ба хароҷот бурда шудаанд.

Шахси барои молҳо ҷавобдеҳ (ҳисоботдеҳ)
______________________________ __________________
*мансаб, имзо)* *(ному насаб)*

Дар асоси фармони № ____ аз «__» ___________ соли 20__ .
Санҷиши мавҷудияти воситаҳои пулӣ ва молҳои қиматбаҳо ба ҳолати барои «__» ____________соли 20__ . гузаронида шудааст.
Ҳангоми санҷиш чунин муқаррар шудааст:
1. пулҳои накд ___________________________ сомонӣ;

2. маркаҳои почтавӣ ___________________________ сомонӣ;

3. __________________________________________ сомонӣ;

4. __________________________________________ сомонӣ.

Ҳамагӣ накдҳои дар амалбуда_________________________ сомонӣ.

(бо ҳарф)

Аз рӯи маълумотҳои баҳисобгирӣ______________________ сомонӣ.

Натиҷаҳои санҷиш: изофа _____________________ сомонӣ;

норасоӣ ___________________ сомонӣ.

Рақамҳои охирини ордерҳои кассавӣ:

Даромад № ________ хароҷот № _____________

Имзоҳои санҷишгарон: _____________________ _________________

*(мансаб, имзо)* *(ному насаб)*

Тасдиқ мекунам, ки воситаҳои пулӣ ва молҳои қиматбаҳои дар санад номбаршуда дар муҳофизат (дар ҳисоби ман) ва ҷавобгарии ман мебошанд.

Шахси барои молҳо ҷавбгӯ (ҳисоботдеҳ) _________________

(имзо)

«__» ____________ соли 20__ .

Баёноти сабабҳои изофа ва норасоӣ: ______________________

---

Шахси барои молҳо ҷавбгӯ(ҳисоботдеҳ) _________________________

*(мансаб, имзо) (ному насаб)*

---

Як нусха санадро гирифтам _________________ _________________

*(имзо)* *(ному насаб)*

«__» ____________ соли 20__ .

Замимаи 8
Ба Дастурамал оид ба
гузарондани санҷишҳои андоз

**САНАДИ**
**қабули ва баргардонидани ҳуҷҷатҳо**

________________________________________________________________
*(номи андозсупоранда)*
**ба сифати андозсупоранда дар нозироти андози**
**__________________________________________ ба қайд гирифта шудааст**

барои гузаронидани санҷиш
________________________________________________________________
*(мавзӯи санҷиш нишон дода шавад)*
"__" ______________ соли 20__ .

| № т/т | Номи парванда (ба сифати мисол) | Давраи санҷишшаванда | | Давраи санҷишшаванда | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Шумораи парвандаҳо | Шумораи варақҳо | Шумораи парвандаҳо | Шумораи варақҳо |
| 1 | Китоби асосӣ | | | | |
| 2 | Журналҳо-ордерҳо ё ордерҳои мемориали доир ба ҳисобҳо | | | | |
| 3 | Шартномаҳо, мактубҳо | | | | |
| 4 | Санадҳои қабул ва супоридани иҷрои корҳо, хизматҳо | | | | |
| 5 | Китоби кассавӣ, ҳисоботҳои авансӣ | | | | |
| 6 | Иқтибосҳои бонкӣ оид ба суратҳобҳо ва дигар ҳисобҳо | | | | |
| 7 | Ведемостҳо оид ба ҳисобкунии музди меҳнат, ведомостҳои ҳисоббаробаркунӣ – пардохтӣ | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
